ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ-517.2 (575.3)
ТКБ-22.1 (2 тоҷик)
З- 91

СИДДИҚЗОДА ШАҲРИЁР МУЛОЗУЛФОН

ТАТБИҚИ ҲИСОБИ ОПЕРАТСИОНӢ ДАР ҲАЛЛИ БАЪЗЕ СИНФҲОИ МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛӢ ВА ИНТЕГРО-ДИФФЕРЕНСИАЛӢ БО ҲОСИЛАҲОИ ХУСУСӢ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор
аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика (6D060103 -
Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва
идоракунии оптималӣ)

Роҳбари илмӣ:
академики АМИТ,
доктори илмҳои физикаю математика,
профессор Илолов М. И.

ДУШАНБЕ-2026

МУНДАРИҶА

Муқаддима

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Дар даҳсолаҳои охир назария ва амалияи муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ, ки шарҳи риёзии масъалаҳои мураккаб ва хеле муҳими рӯйдодҳои физика, химия, биология ва технологияи муосир мебошанд, рушду пешрафти назаррас дорад. Тарзҳои хеле мухталифи ҳалли масъалаҳои ибтидоӣ ва ибтидоӣ-канорӣ барои ин муодилаҳо коркард шудаанд. Дар байни онҳо методи табдилотҳои интегралӣ мақоми алоҳида дорад. Дар навбати худ муҳимтарини ин методҳо методи табдилоти интегралии Лаплас-Карсон барои муодилаҳои хаттӣ аз $n-$ тағирёбанда мебошад, ки солҳои охир дар таваҷҷуҳ ва диққати риёзидонҳо, физикҳо ва дигар тадқиқотчиён қарор дорад. Мақолаҳо ва монографияҳои илмии Ю. А. Бричков ва А. П. Прудников $[5,6]$, Р. С. Даҳия $[109]$, А. Бабаханӣ $[106]$, Р. С. Даҳия ва Ҷ. С. Дебнат $[115]$ ва инчунин В. А. Диткин ва А. П. Прудников $[20,\ 21,108]$ ба усулҳои нави ҳисоб-кунии табдилотҳои роста ва баръакси Лаплас-Карсон барои функсияҳои дутағирёбанда ва бисёртағирёбанда бахшида шудаанд.

Рисолаи диссертатсионӣ ба татбиқи як қатор синфҳои муодилаҳо (муодилаи дифференсиалии телеграф, муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф, муодилаҳо бо ҳосилаҳои хусусии тартиби гуногун ва масъалаҳои ибтидоиву канорӣ барои онҳо) тавассути табдилоти Лаплас-Карсон бахшида шудааст. Барои пайдо кардани намуди ошкори ҳалли муодилаҳои номбурда зарурияти ҳисоббарории табдилотҳои роста ва баръакси интегралӣ аз функсияҳои бисёртағирёбанда ба миён меояд. Дар диссертатсия ҳисобкуниҳои оператсионӣ барои чунин функсияҳо пешниҳод шудаанд.

Дараҷаи коркарди илмии мавзуи таҳқиқот. Барои классҳои на он қадар васеи муодилаҳои дифференсиалӣ ва муодилаҳои интегро-дифференсиалӣ бо истифода аз ҳисобкуниҳои оператсионӣ дар корҳои илмии Й. Фучита $[117,118]$, М. Ф. Абдулкаримов $[2]$, В. А. Илин $[34,35,36]$, Е. А.

Козлова [119], А. А. Дубков [23], С. С. Орлов [61], Э. И. Семенов ва А. А. Косов [79] мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Масъалаҳои ибтидоӣ ва ибтидоӣ-канорӣ барои муодилаҳои дифференсиалӣ ва муодилаҳои интегро-дифференсиалии телеграф ва инчунин, барои муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусии тартиби ду дар мақолаҳои илмии М. И. Илолов, Ш. М. Зулфонов [32,33,37,38], Ш. М. Зулфонов [2 − М,5 − М] таҳқиқ карда шудаанд. Барои чунин масъалаҳо тавассути табдилоти интегралии Лаплас-Карсон тасвири ҳалли ошкор пешниҳод карда шудааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Кори диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаҳо ва барномаҳои давлатии зерин анҷом дода шудааст: «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» барои солҳои 2020–2040, «Барномаи давлатии мақсадноки рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021–2025», инчунин дар доираи нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи анализи математикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, барои солҳои 2021-2025 аз рӯи мавзуи «Тадкиқот оид ба назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ ва татбиқи он» иҷро карда шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии рисолаи диссертатсионӣ муайянкунии тасвири баъзе функсияҳо ва тасвири баъзе интегралҳо мебошад, ки барои ёфтани ҳалли ошкори баъзе синфҳои муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусии тартиби як ва ду бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда истифодашаванда буда, инчунин барои ёфтани ҳалли ошкори муодилаи дифференсиалии телеграф бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда ва муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда мавриди васеи истифода қарор мегиранд. Тасвири функсияҳо ва интегралҳое, ки дар рисолаи диссертатсионӣ нишон додем на фақат барои ҳалли муодилаи дифференсиалии телеграф, муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф ва муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусии тартиби як ва ду истифода карда мешаванд, балки барои ёфтани ҳалли муодилаи интегро-дифференсиалии ба муодилаи гармигузаронӣ ва мавҷ овардашаванда ва ғайра низ истифодашавандаанд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Мувофиқи мақсади гузошташудаи таҳқиқот, масъалаҳои зерин мушаххас карда шудаанд:

1. Тасвири интегралҳои намуди

$$\int_0^{\min(x,t)} e^{-as} f(x-s,t-s)g(s)ds\,;$$

$$\int_0^{\min(x,t)}\int_0^{t-s} a(t-s-\tau)\,f(x-s;\tau)e^{-a_1 s}\,dsd\tau;$$

муайян карда шавад;

2. Ҳалли умумии муодилаи дифференсиалии телеграф, муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф ва муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусии тартиби як ва ду муайян карда шавад;
3. Муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф барои ядрои функсияи хаттӣ (графикаш хати рост) ва функсияи ғайрихаттӣ (графикаш хати кач) бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда ҳал карда шавад;
4. Усули ҳисоби оператсионӣ дар ҳалли муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегро-дифференсиалӣ татбиқ карда шавад.

Объекти таҳқиқот. Муодилаи дифференсиалии телеграф бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда ва муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф барои ядрои функсияи хаттӣ (графикаш хати рост) ва функсияи ғайрихаттӣ (графикаш хати кач) бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда мебошад.

Предмети таҳқиқот. Предмети таҳқиқот муайянкунии тасвири функсияҳо, интегралҳо ва ёфтани ҳалли ошкори . муодилаи дифференсиалии телеграф, муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф ва муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусии тартиби як ва ду мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот. Дар рисолаи диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии зерин ба даст оварда шудаанд:

1. ба воситаи табдилоти Лаплас-Карсон тасвири функсияҳо ва интегралҳое, ки татбиқи васеи амалӣ доранд муайян карда шудаанд;
2. ҳалли умумии муодилаи дифференсиалии телеграф бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда муайян карда шудааст;
3. ҳалли умумии муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф барои ядрои функсияи хаттӣ (графикаш хати рост) ва функсияи ғайрихаттӣ (графикаш хати каҷ) бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда муайян карда шудааст;
4. ҳалли умумии муодилаҳои дифференсиалии хаттӣ бо ҳосилаҳои хусусии тартиби як ва ду бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда ва ҳалли муодилаи интегро-дифференсиалии ба муодилаи мавҷ овардашаванда муайян карда шудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Таҳқиқоти мазкур аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, натиҷаҳои рисолаи диссертатсионӣ ва методҳои исботи онҳоро дар ҳолати ҷустуҷӯ намудани ҳалли масъалаҳои ибтидоӣ-канорӣ барои муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ ва муодилаҳои интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ татбиқи худро ёфтаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Теорема об определении представления некоторых функций и интегралов с помощью преобразования Лапласа-Карсона;
2. Ҳалли ошкори муодилаҳои дифференсиалии хаттии тартиби як, ду ва муодилаҳои дифференсиалии телеграф бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда;
3. Ҳалли ошкори муодилаҳои интегро-дифференсиалии ба муодилаи мавҷ овардашаванда ва телеграф барои ядроҳои гуногун бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда;

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия. Эътибornокии натиҷаҳои илмии рисолаи диссертатсионӣ тавассути исботҳои математикии дақиқи ҳамаи тасдиқоти дар диссертатсия овардашуда таъмин гардида, бо тадқиқоти дигар муаллифон тасдиқ карда мешавад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи мазкур мувофиқи ихтисоси 6D060100 – Математика: 6D060103 – «Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ» иҷро шудааст ва пурра ба формулаи он (муодилаҳои дифференсиалии оддӣ), инчунин ба се самти асосии соҳаи тадқиқот мутобиқат мекунад:

1) назарияи умумии муодилаҳои дифференсиалӣ ва системаҳои муодилаҳои дифференсиалӣ;

2) масъалаҳои сарҳадӣ-ибтидоӣ ва спектралӣ барои муодилаҳои дифференсиалӣ ва системаҳои муодилаҳои дифференсиалӣ;

3) назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ-операторӣ.

Самтҳои зикршуда ба бахши «Муодилаҳои дифференсиалӣ» тааллуқ доранд, ки дар банди III, параграфи 3-юми шиносномаи ихтисоси илмӣ пешбинӣ шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Масъалаи таҳқиқот ва интихоби методи исботҳо аз ҷониби роҳбари илмӣ пешниҳод карда шудааст ва ба ғайр аз ин роҳбари илмӣ ба муаллифи рисола кӯмаки консултатсионӣ расонидааст. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ, ки дар банди «Навоварии илмӣ» оварда шудаанд, шахсан аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар семинарҳо ва конференсияҳои зерин муҳокима гардидаанд:

1) Семинари Маркази рушди инноватсиониии илм ва технологияҳои нави АМИТ “Таҳлили касрӣ ва татбиқи он” таҳти роҳбарии

академики АМИТ, доктори илмҳои физикаю математика, профессор М. И. Илолов (Душанбе, солҳои 2020-2025);

2) Семинари кафедраи анализи математикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ таҳти роҳбарии профессор Пиров Р. Н.;
3) Конференсияи илмии байналмиллалӣ доир ба масъалаи “Комплексный анализ и его приложения”, бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф ва 75 солагии доктори илмҳои физикаю математика, профессор Қурбонов И. К. ва 70 солагии доктори илмҳои физикаю математика, профессор Ҷумъабой Сафаров, (г.Бохтар, 19 ноябиря 2022 г.), 63-65 с.;
4) Конференсияи илмии байналмиллалӣ бахшида ба 70 солагии академик АМИ Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Шабозов М. Ш., (Таджикистан. Душанбе, 24-25 июня 2022 г.), 234-237 с;
5) Конференсияи илмии байналмиллалӣ бахшида ба 70 солагии академик АМИ Тоҷикистон, доктори илмҳои физика-математика, профессор Бойматов К. Ҳ., (Таджикистан. Душанбе, 25-26 декабря 2020 г.).;
6) Конференсияи илмии байналмиллалӣ бахшида ба 80 солагии доктори илмҳои физика-математика, профессор Темур Собиров, (Таджикистан. Душанбе, 25-26 июня 2021 г.) ;
7) Конференсияи илмии байналмиллалӣ бахшида ба 70 солагии доктори илмҳои физика-математика, профессор Г.Ҷангибеков, (Таджикистан. Душанбе, 30-31 января 2020 г.);
8) Конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соли 2020-2040”, Душанбе-2020;

9) Конференсияи илмии байналмиллалӣ бахшида ба 70 солагии доктори илмҳои физика-математика, профессор Қ. Тухлиев, (Таджикистан. Худжанд, 21-22 июня 2024 г.).

Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои кор аз рӯи мавзуи диссертатсия дар 10 кори илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшаванда, ки дар рӯйхати амалкунандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, 6 мақола дар маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ чоп шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аз 120 номгӯй, ҳамагӣ 140 саҳифаи компютериро дарбар гирифта, дар барномаи Microsoft Word ҳуруфчинӣ шудааст. Барои осонии кор дар диссертатсия рақамгузории секаратаи теоремаҳо, леммаҳо, натиҷаҳо ва формулаҳо қабул карда шудааст, рақами якум бо рақами боб, рақами дуюм бо рақами параграф ва рақами сеюм бо рақами тартибии теоремаҳо, леммаҳо, натиҷаҳо ва формулаҳои ҳамин параграф мутобиқат мекунанд.

БОБИ 1. ҲИСОБИ ОПЕРАТСИОНӢ

1.1. Табдилоти Лаплас

Барои ҳал намудани ҳар гуна масъалаҳои дар соҳаи техника, табиатшиносӣ, физика, химия, биофизика, математика ва ғайра мавҷудбуда вобастагии байни якчанд тағирёбандаҳоро барассӣ намудан лозим аст [25].

Ҳангоми омӯзиши ҳодисаҳои механикӣ, ҳодисаҳои электрикӣ, ҳодисаҳои ҳароратӣ, ҳодисаҳои рушноӣ ва ғайраҳо масъалаҳои гуногунро мушоҳида намудан мумкин аст ба монанди паҳншавии гармӣ, суръати ҳаракати ҷисм, паҳншавии лаппиш ва ғайра [11]. Барои ҳалли масъалаҳои мазкур мафҳуми муодилаҳои дифференсиалӣ, муодилаҳои интегралӣ, муодилаҳои интегро-дифференсиалӣ ва ҳисоби оператсионӣ васеъ истифода бурда мешаванд [23].

Ҳангоми татбиқи ҳисоби оператсионӣ мо табдилотҳои интегралии гуногунро истифода мебарем, ки аз байни онҳо табдилоти интегралии Лаплас ва табдилоти интегралии Лаплас-Карсон мақоми алоҳида доранд. Формулаи умумии табдилоти интегралии Лаплас намуди зеринро дорад:

$$F(p) = \int_{0}^{\infty} e^{-pt} f(t) dt \qquad (1.1.1)$$

дар ин ҷо $F(p) -$ функсияи тасвир (изображения) ва $f(t) -$функсияи оригинал мебошад ($[4, 106, 88, 113]$). Функсияи $F(p)$ функсияи тағирбандааш комплексӣ буда, функсияи $f(t)$ функсияи тағирёбандааш ҳақиқӣ мебошад ($[4, 8]$). Зикр кардан бо маврид аст, ки функсияи тасвир проексияи графики функсияи дар фазои вақт мавҷудбударо дар фазои зудӣ нишон медиҳад. Бояд гуфт, ки дар баробарии (1.1.1) функсияи $f(t)$ яктағирёбанда аст [89, 91, 30].

Таърифи 1: Функсияи тағирёбандааш ҳақиқии $f(t)$ функсияи оригинал номида мешавад, агар шартҳои зеринро қаноат кунад:

1. ***Барои ҳар гуна $t < 0$ функсияи $f(t) = 0$ шавад.***
2. ***Функсияи $f(t)$ дар интервали охирноки $[0, B]$ ($B > 0$) интегронидашаванда аст.***
3. ***Функсияи $f(t)$ ҳангоми $t \to \infty$ мпҳдуд мебошад***

$$|f(t)| \le Me^{st}$$

дар ин ҷо $M > 0$, $s > 0$ ва $t \ge 0$ мебошад.

Шартҳои дар таърифи мазкур овардашударо шартҳои табдилоти Лаплас меноманд [57, 63].

Ҳангоми истифода намудани табдилоти Лаплас дар ҳалли ҳар гуна масъалаҳо зарурияти муайянкунии тасвири функсияи додашудаи $f(t)$ ба миён меояд [63].

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми ҳалли муодилаҳои дифференсиалӣ, муодилаҳои интегралӣ ва муодилаҳои интегро-дифференсиалӣ на фақат тасвири функсия, балки тасвири ҳосилаи функсия ва тасвири интеграл низ лозим аст [63, 3-М].

Қоида:* *Агар $f(t) \to F(p)$ бошад ва инчунин функсияҳои $f'(t), f''(t), f'''(t) \dots, f^{(n)}(t)$ низ функсияҳои ҳақиқӣ (функсияи оригинал) бошанд, он гоҳ барои дилхоҳ $k = 1, 2, 3, \dots, n$

$$f^{(n)}(t) \to p^n F(p) - \sum_{k=0}^{n-1} p^{n-k-1} f^{(k)}(0) \qquad (1.1.2)$$

ҷой дорад, ки дар ин ҷо

$$f^{(k)}(0) = \lim_{t \to +0} f^{(k)}(t) \qquad (1.1.3)$$

аст.

Баробарии (1.1.2) тасвири ҳосилаи тартиби n–уми функсияи тағирёбандааш ҳақиқии $f(t)$ мебошад [41, 63].

Таърифи 2: Интеграли намуди

$$\int_{0}^{t} \boldsymbol{f_1(t-\tau)f_2(\tau)d\tau}$$

-ро печидаи ду функсияи оригинали $\boldsymbol{f_1(t), f_2(t)}$ меноманд ва чунин ишора мекунанд:

$$\boldsymbol{f_1(t) * f_2(t)} = \int_{0}^{t} \boldsymbol{f_1(t-\tau)f_2(\tau)d\tau}. \qquad (\mathbf{1.1.4})$$

Тасвири интеграли (1.1.4) чунин намуд дорад [41]:

$$f_1(t) * f_2(t) = \int_{0}^{t} f_1(t-\tau)f_2(\tau)d\tau \to F_1(p)F_2(p) \qquad (1.1.5)$$

Ҳангоми маълум будани функсияи тасвир яъне $F(p)$ мо метавонем ба воситаи табдилоти баръаки Лаплас функсияи оригинал яъне $f(t)$ –ро муайян кунем, ки формулаи умумии табдилоти баръакси Лаплас чунин аст:

$$f(t) = L^{-1}\{F(p)\} = \frac{1}{2\pi i}\lim_{\beta\to\infty}\int_{\alpha_1-i\beta}^{\alpha_1+i\beta} e^{pt}F(p)dp \qquad (1.1.6)$$

дар ин ҷо α_1 – адади ҳақиқӣ буда, интеграли додашуда интеграли контурӣ ба шумор меравад, ки онро интеграли Бромвич-Вагнер меноманд [1, 50].

1.2. Табдилоти Лаплас-Карсон

Доир ба мафҳуми ҳисоби оператсионӣ олимони зиёд таҳқиқотҳои илми кардаанд. Аз ҷумла Б.Ж.Фуре, П.С.Лаплас, О.Хевисайд, Я.Меллин, Ҷ. Карсон ва ғайраҳо мебошанд [20, 24, 63, 101]. Ҳангоми татбиқ намудани ҳисоби оператсионӣ дар ҳалли муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ табдилоти Лаплас барои функсияҳои бисёртағирёбанда истифода бурда мешавад [20, 24, 108, 113, 119].

Формулаи умумии табдилоти Лаплас барои функсияҳои биёртағирёбанда намуди зеринро дорад:

$$F(p_1, p_2, \dots p_n) = \int\limits_0^\infty \int\limits_0^\infty \dots \int\limits_0^\infty e^{-\sum_{k=1}^{n} p_k x_k} f(x_1, x_2, \dots x_n) dx_1 dx_2 \dots dx_n; \qquad (1.2.1)$$

дар ин ҷо $F(p_1, p_2, \dots p_n) -$ функсияи тасвир (изображения) ва $f(x_1, x_2, \dots x_n)$ –функсияи оригинал мебошад [106, 108, 113]. Бори нахуст олими Америко Ҷон Карсон табдилоти Лаплас-ро таҳқиқ намуда табдилотеро барои ёфтани тасвири функсияҳои яктағирбанда ва дутағирёбанда кашф намуд, ки ин табдилот ҳоло бо номи табдилоти Лаплас-Карсон машҳур аст $[20, 21, 63]$. Формулаи умумии табдилоти Лаплас-Карсон чунин мебошад:

$$F(p) = p \int_0^\infty e^{-px} f(x) dx \qquad (1.2.2)$$

$$F(p,q) = pq \int_0^\infty \int_0^\infty e^{-px-qy} f(x,y) dxdy \qquad (1.2.3)$$

дар ин ҷо $f(x), f(x,y) -$ функсияи оригинал (функсияи тағирбандааш ҳақиқӣ) буда, $F(p), F(p,q)$- функсияи тасвир (изображения) мебошанд. Функсияи $F(p,q)$- тасвири функсияи тағирёбандааш ҳақиқии $f(x,y)$ дар фазои зудӣ мебошад, ки дар ин фазо функсияи тағирёбандааш комплексӣ амал мекунад ([39,46,52,85]). Ҳамаи хосиятҳои функсияи ҳақиқӣ ва функсияи тасвир, ки дар табдилоти Лаплас ба мо маълум аст $[20, 71, 90, 91, 108]$ барои табдилоти Лаплас-Карсон низ ҷой доранд. Баъзеи хосиятҳоро меорем:

1. Қоидаи монандӣ: Агар $f(x,y) \rightrightarrows F(p,q)$ бошад он гоҳ
   $f(ax, by) \rightrightarrows F\left(\frac{p}{a}, \frac{q}{b}\right)$ мешавад. $(a > 0, b > 0)$
2. Қоидаи дифференсиронӣ: Агар $f(x,y) \rightrightarrows F(p,q)$ бошад он гоҳ
   $(f(x,y))'_x \rightrightarrows p[F(p,q) - F_1(q)]$ ва $(f(x,y))'_y \rightrightarrows q[F(p,q) - F_2(p)]$

мешавад. Дар ин ҷо $F_1(q) \leftarrow f_1(y) = f(0,y)$ ва $F_2(p) \leftarrow f_2(x) = f(x,0)$ мебошад [4, 20, 26].

Инчунин барои функсияи дутағирёбанда низ теорема оид ба печида ҷой дорад, ки онро баён хоҳем кард [3, 20, 42, 78, 108].

***Теорема:** Тасвири печида гуфта ҳосили зарби тасвири ду функсияи ҳақиқии* $\boldsymbol{f_1(x,y)}$, $\boldsymbol{f_2(x,y)}$ *-ро меноманд, ки намуди он чунин аст:*

$$\boldsymbol{f_1(x,y) * f_2(x,y) = \int_0^x \int_0^y f_1(\xi,\eta)\, f_2(x-\xi, y-\eta) d\xi d\eta}$$

$$\boldsymbol{\rightrightarrows \frac{1}{pq} F_1(p,q) F_2(p,q)} \qquad \boldsymbol{(1.2.4)}$$

Метавонем ҳар яке аз ин тағйирёбандаҳоро дар алоҳиддаги низ ифода кунем:

$$f_1(x,y) \ * \ f_2(x,y) = \int_0^x f_1(\xi,y)\, f_2(x-\xi,y) d\xi$$

$$f_1(x,y) \ * \ f_2(x,y) = \int_0^y f_1(x,\eta)\, f_2(x,y-\eta) d\eta$$

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки исботи теоремаи мазкур барои мо маълум аст [20, 71].

1.2.1. Тасвири баъзе функсияҳо

Бо истифода аз табдилоти Лаплас-Карсон тасвири баъзе функсияҳоро меёбем, ки ҳар яке аз ин функсияҳо дар ҳалли муодилаҳои гуногун ба монанди муодилаи транспорт бо манбаи хаттӣ, муодилаи телеграф, муодилаи гармигузаронӣ ва ғайраҳо татбиқи васеи амали доранд [1-М, 2-М].

Тасвири функсияи $\boldsymbol{e^{-cx}\varphi_t'(t-x) + \varphi(0)e^{-cx}\delta(t-x)}$ ***–ро дида мебароем.***

Сараввал бояд қайд намуд, ки c –адади ҳақиқии ихтиёри мебошад. Барои ёфтани тасвири функсияи мазкур формулаи (1.2.3) –ро истифода мебарем

$$pq\int_0^\infty \int_0^\infty e^{-px-qt}(e^{-cx}\varphi_t'(t-x) + \varphi(0)e^{-cx}\delta(t-x))dxdt$$

гузориши $t - x = z; t = z + x; dt = dz$-ро истифода намуда ҳосил мекунем

$$pq\int_{0}^{\infty}\int_{0}^{\infty} e^{-px-qz-qx-cx}[\varphi_z{}'(z)+\varphi(0)\delta(z)]dxdz =$$

баробариро табдил медиҳем

$$\left(q\int_{0}^{\infty} e^{-qz}[\varphi_z{}'(z)+\varphi(0)\delta(z)]dz\right)\left(p\int_{0}^{\infty} e^{-px-qx-cx}dx\right) =$$

$$=\left(q\int_{0}^{\infty} e^{-qz}\,\varphi_z{}'(z)dz+\varphi(0)q\int_{0}^{\infty} e^{-qz}\,\delta(z)dz\right)\left(p\int_{0}^{\infty} e^{-(p+q+c)x}dx\right) =$$

барои идомаи ҳал тасвири функсияи Дирак [20] ва тасвири ҳосилаи функсияи яктағирёбандаро [21, 113] дар қавси якум гузошта ва интеграли ғайрихосӣ дар қавси дуюм мавҷудбударо ҳисоб мекунем

$$\big(q\Phi(q)-q\varphi(0)+q\varphi(0)\big)\left(p\lim_{R\to\infty}\int_{0}^{R} e^{-(p+q+c)x}dx\right) =$$

$$= q\Phi(q)\lim_{R\to\infty}\left(-\frac{pe^{-(p+q+c)x}}{p+q+c}\right)\Bigg|\begin{matrix}R\\0\end{matrix} =$$

$$= q\Phi(q)\lim_{R\to\infty}\left(-\frac{pe^{-(p+q+c)R}}{p+q+c}-\left(-\frac{pe^{-(p+q+c)\cdot 0}}{p+q+c}\right)\right) =$$

акнун ҳудуди дар баробари мавҷудбударо ҳисоб менамоем

$$q\Phi(q)\lim_{R\to\infty}\left(-\frac{p}{p+q+c}\cdot e^{-(p+q+c)R}+\frac{pe^{0}}{p+q+c}\right) =$$

$$= q\Phi(q)\lim_{R\to\infty}\left(-\frac{p}{p+q+c}\cdot\frac{1}{e^{(p+q+c)R}}+\frac{p}{p+q+c}\right) =$$

$$= \frac{p}{p+q+c}\cdot q\Phi(q)\cdot\left(-\frac{1}{e^{(p+q+c)\cdot\infty}}+1\right) =$$

$$= \frac{p}{p+q+c} \cdot q\Phi(q) \cdot \left(-\frac{1}{\infty}+1\right) = \frac{pq\Phi(q)}{p+q+c} \cdot (0+1) = \frac{pq\Phi(q)}{p+q+c}$$

Яъне

$$e^{-cx}\varphi_t'(t-x) + \varphi(0)e^{-cx}\delta(t-x) \rightrightarrows \frac{pq\Phi(q)}{p+q+c} \qquad (1.2.5)$$

Зикр кардан бо маврид аст, ки исботи формулаи мазкур дар ҳолати $c = 0$ ва $\varphi(0) = 0$ будан аз тарафи олимони рус низ муайян карда шудааст $[20, 66, 71, 75, 108]$. Баробарии (1.2.5) барои ихтиёри адади c ва қимати ихтиёрии $\varphi(0)$ ҷой дорад.

Тасвири функсияи $e^{-mt}u_0{}_x'(x-t) + u_0(0)e^{-mt}\delta(x-t)$ –ро дида мебароем.

Дар ибтидо ҳаминро қайд менамоем, ки m –адади ҳақиқии ихтиёри мебошад. Барои ёфтани тасвири функсияи додашуда формулаи (1.2.3) –ро истифода мебарем

$$pq\int_0^\infty\int_0^\infty e^{-px-qt}(e^{-mt}u_0{}_x'(x-t) + u_0(0)e^{-mt}\delta(x-t))dxdt$$

гузориши $x - t = z; x = z + t; dx = dz$-ро истифода намуда ҳосил мекунем

$$pq\int_0^\infty\int_0^\infty e^{-p(z+t)-qt-mt}\big(u_0'(z) + u_0(0)\delta(z)\big)dzdt =$$

$$= pq\int_0^\infty\int_0^\infty e^{-pz-pt-qt-mt}\big(u_0'(z) + u_0(0)\delta(z)\big)dtdz =$$

$$= \left(p\int_0^\infty e^{-pz}\big(u_0'(z) + u_0(0)\delta(z)\big)dz\right)\left(q\int_0^\infty e^{-pt-qt-mt}dt\right) =$$

$$= \left(p\int_0^\infty e^{-pz}u_0'(z)dz + u_0(0)p\int_0^\infty e^{-pz}\delta(z)dz\right)\left(q\int_0^\infty e^{-pt-qt-mt}dt\right) =$$

$$= \left(pU_0(p) - pu_0(0) + pu_0(0)\right)\left(q\int_0^\infty e^{-(p+q+m)t}dt\right) =$$

акнун интеграли ғайрихоси дар қавси дуюм мавҷудбударо ҳисоб намуда, сипас ҳосили зарби қавсҳоро муайян мекунем

$$pqU_0(p)\cdot\lim_{R\to\infty}\left(\int_0^R e^{-(p+q+m)t}dx\right) =$$

бо истифода аз татбиқи формулаи Нютон-Лейбнитс ҳосил мекунем

$$pqU_0(p)\lim_{R\to\infty}\left(-\frac{e^{-(p+q+m)t}}{p+q+m}\right)\Bigg|\begin{matrix}R\\0\end{matrix} =$$

$$= pqU_0(p)\lim_{R\to\infty}\left(-\frac{e^{-(p+q+m)\cdot R}}{p+q+m} - \left(-\frac{e^{-(p+q+m)\cdot 0}}{p+q+m}\right)\right) =$$

$$= pqU_0(p)\lim_{R\to\infty}\left(-\frac{1}{p+q+m}\cdot e^{-(p+q+m)\cdot R} + \frac{e^0}{p+q+m}\right) =$$

$$= pqU_0(p)\cdot\left(-\frac{1}{p+q+m}\cdot e^{-(p+q+m)\cdot\infty} + \frac{1}{p+q+m}\right) =$$

$$= \frac{1}{p+q+m}\cdot pqU_0(p)\cdot\left(-\frac{1}{e^{(p+q+m)\cdot\infty}} + 1\right) = \frac{pqU_0(p)}{p+q+m}\cdot(0+1) =$$

$$= \frac{pqU_0(p)}{p+q+m}$$

Яъне

$$e^{-mt}{u_0}_x'(x-t) + u_0(0)e^{-mt}\delta(x-t) \rightrightarrows \frac{pqU_0(p)}{p+q+m} \qquad (1.2.6)$$

Бояд ёдовар шуд, ки исботи формулаи мазкур дар ҳолати $m = 0$, $u_0(0) = 0$ будан аз тарафи олимон муайян карда шудааст $[20, 71, 75, 108, 43]$. Ва инчунин ҳангоми яктағирёбанда будан низ тасвири функсия аз тарафи

олимон барассӣ гардидааст [63, 67, 37].

Тасвири функсияи $e^{-bt-cx}f(t-x)$ –ро дида мебароем

Формулаи (1.2.3)-ро истифода намуда тасвири функсияро меёбем

$$pq\int_0^\infty\int_0^\infty e^{-px-qt}\cdot e^{-bt-cx}f(t-x)dxdt =$$

$$= pq\int_0^\infty\int_0^\infty e^{-(p+c)x-(q+b)t}f(t-x)dxdt$$

гузориши $t - x = z; dt = dz$ –ро истифода намуда ҳосил мекунем

$$pq\int\limits_0^\infty dx\int\limits_0^\infty e^{-(p+c)x-(q+b)(z+x)}f(z)dz =$$

$$= pq\int\limits_0^\infty e^{-(q+b)z}f(z)dz\int\limits_0^\infty e^{-(p+c)x-(q+b)x}dx =$$

баробарии мазкурро табдил дода ҳосил мекунем

$$= \frac{pq}{q+b}\left((q+b)\int\limits_0^\infty e^{-(q+b)z}f(z)dz\right)\left(\int\limits_0^\infty e^{-(p+q+b+c)x}dx\right) =$$

бо ёрии формулаи (1.2.2) ҳосил мекунем

$$\frac{pq}{q+b}\cdot F(q+b)\cdot\left(\lim_{R\to\infty}\int\limits_0^R e^{-(p+q+b+c)x}dx\right) =$$

$$=\frac{pqF(q+b)}{q+b}\lim_{R\to\infty}\left(-\frac{e^{-(p+q+b+c)x}}{p+q+b+c}\right)\Bigg|\begin{matrix}R\\0\end{matrix}=$$

$$=\frac{pqF(q+b)}{q+b}\lim_{R\to\infty}\left(-\frac{e^{-(p+q+b+c)R}}{p+q+b+c}+\frac{e^{-(p+q+b+c)\cdot 0}}{p+q+b+c}\right)=$$

$$=\frac{pqF(q+b)}{(q+b)(p+q+b+c)}$$

Яъне

$$e^{-bt-cx}f(t-x)\rightrightarrows\frac{pqF(q+b)}{(q+b)(p+q+b+c)} \qquad (1.2.7)$$

Тасвири функсияи $e^{-bt-cx}f(x-t)$ –ро дида мебароем

Формулаи (1.2.3)-ро истифода намуда тасвири функсияи мазкурро меёбем

$$pq\int_0^\infty\int_0^\infty e^{-px-qt}\cdot e^{-bt-cx}f(x-t)dxdt=$$

$$=pq\int_0^\infty\int_0^\infty e^{-(p+c)x-(q+b)t}f(x-t)dxdt=$$

гузориши $x-t=z; dx=dz$ –ро истифода намуда ҳосил мекунем

$$pq\int\limits_0^\infty dt\int\limits_0^\infty e^{-(p+c)(z+t)-(q+b)t}f(z)dz=$$

$$=pq\int\limits_0^\infty e^{-(p+c)z}f(z)dz\int\limits_0^\infty e^{-(p+c)t-(q+b)t}dt=$$

$$=\frac{pq}{p+c}\left((p+c)\int\limits_0^\infty e^{-(p+c)z}f(z)dz\right)\int\limits_0^\infty e^{-(p+q+b+c)t}dt=$$

$$= \frac{pqF(p+c)}{(p+c)(p+q+b+c)}$$

Яъне

$$e^{-bt-cx}f(x-t) \rightrightarrows \frac{pqF(p+c)}{(p+c)(p+q+b+c)} \tag{1.2.8}$$

Тасвири функсияи $e^{-bt-cx}f(|x-t|)$ –ро дида мебароем

Чи тавре мо медонем [71]

$$e^{-bt-cx}f(|x-t|) = e^{-bt-cx}\big(f(x-t)+f(t-x)\big)$$

мебошад. Бинобар ин формулаҳои $(1.2.7), (1.2.8)$ –ро истифода намуда ҳосил мекунем

$$e^{-bt-cx}f(|x-t|) \rightrightarrows \frac{pqF(q+b)}{(q+b)(p+q+b+c)} + \frac{pqF(p+c)}{(p+c)(p+q+b+c)}$$

Яъне

$$e^{-bt-cx}f(|x-t|) = \frac{pq}{p+q+b+c}\left(\frac{F(q+b)}{q+b} + \frac{F(p+c)}{(p+c)}\right) \tag{1.2.9}$$

Ҳангоми $c = 0$ будан баробарии (1.2.9) чунин намуд мегирад:

$$e^{-bt}f(|x-t|) \rightrightarrows \frac{pqF(q+b)}{(q+b)(p+q+b)} + \frac{pqF(p)}{p(p+q+b)} =$$

$$= \frac{q}{q+b} \cdot \frac{pF(q+b)+(q+b)F(p)}{p+q+b}$$

Яъне

$$e^{-bt}f(|x-t|) \rightrightarrows \frac{q}{q+b} \cdot \frac{pF(q+b)+(q+b)F(p)}{p+q+b} \tag{1.2.10}$$

Тасвири функсияи $e^{-bt-cx}f(x+t)$ –ро дида мебароем

Формулаи (1.2.3)-ро истифода намуда тасвири функсияи мазкурро меёбем

$$pq\int_0^\infty\int_0^\infty e^{-px-qt}\cdot e^{-bt-cx}f(t+x)dxdt=$$

$$=pq\int_0^\infty\int_0^\infty e^{-(p+c)x-(q+b)t}f(t+x)dxdt=$$

гузориши $t+x=z; dx=dz$ –ро истифода намуда ҳосил мекунем

$$pq\int\limits_0^\infty\int\limits_0^z e^{-(p+c)(z-t)-(q+b)t}f(z)dzdt=$$

$$=pq\int\limits_0^\infty e^{-(p+c)z}f(z)dz\int\limits_0^z e^{(p-q-b+c)t}dt=$$

$$=\frac{pq}{p+c}\left((p+c)\int\limits_0^\infty e^{-(p+c)z}f(z)dz\right)\left(\frac{e^{(p-q-b+c)t}}{p-q-b+c}\Bigg|\begin{matrix}z\\0\end{matrix}\right)=$$

Формулаи (1.2.2) ва формулаи Нютон-Лейбнитсро истифода нмуда ҳосил мекунем

$$\frac{pq}{p-q-b+c}\left(\int\limits_0^\infty e^{-(p+c)z}\left(e^{(p-q-b+c)z}-1\right)f(z)dz\right)=$$

$$=\frac{pq}{p-q-b+c}\left(\int\limits_0^\infty\left(e^{-(q+b)z}-e^{-(p+c)z}\right)f(z)dz\right)=$$

$$=\frac{pq}{p-q-b+c}\left(\int\limits_0^\infty e^{-(q+b)z}f(z)dz-\int\limits_0^\infty e^{-(p+c)z}f(z)dz\right)=$$

$$= \frac{pq}{p-q-b+c} \cdot \frac{1}{q+b} \left((q+b) \int_0^\infty e^{-(q+b)z} f(z) dz \right) -$$

$$- \frac{pq}{p-q-b+c} \cdot \frac{1}{p+c} \left((p+c) \int_0^\infty e^{-(p+c)z} f(z) dz \right) =$$

$$= \frac{pq}{p-q-b+c} \cdot \frac{F(q+b)}{q+b} - \frac{pq}{p-q-b+c} \cdot \frac{F(p+c)}{p+c} =$$

$$= \frac{pq}{p-q-b+c} \left(\frac{F(q+b)}{q+b} - \frac{F(p+c)}{p+c} \right)$$

Яъне

$$e^{-bt-cx} f(t+x) \rightrightarrows \frac{pq}{p-q-b+c} \left(\frac{F(q+b)}{q+b} - \frac{F(p+c)}{p+c} \right) \qquad (1.2.11)$$

Ҳангоми $c = 0$ –будан баробарии (1.2.11) намуди зеринро мегирад

$$e^{-bt} f(t+x) \rightrightarrows \frac{q}{q+b} \cdot \frac{pF(q+b) - (q+b)F(p)}{p-(q+b)} \qquad (1.2.12)$$

Ҳаминро қайд менамоем, ки баробариҳои (1.2.7), (1.2.8), (1.2.9), (1.2.10), (1.2.11) ва (1.2.12) дар роҳнамоҳои ҳисоби оператсионӣ дар шаклҳои гуногун бе исбот оварда шудааст ва дар рисолаи мазкур исботи ҳар яке аз ин формулаҳоро дар намуди умумӣ дар пурраги нишон додем [21, 37, 38].

Ҷадвали 1.2.1. Тасвири баъзе функсияҳо

№	f(x, t) $(x > 0; t > 0)$	F(p,q)
1	$e^{-lt} u_1(x-t)$	$\frac{qU_1(p)}{p+q+l}$
2	$e^{-mt} u_{0x}'(x-t) + u_0(0) e^{-mt} \delta(x-t)$	$\frac{pqU_0(p)}{p+q+m}$

Идомаи ҷадвали 1.2.1.

3	$e^{-bx}\varphi_2(t-x)$	$\frac{p\Phi_2(q)}{p+q+b}$
4	$e^{-cx}\varphi_t'(t-x)+\varphi(0)e^{-cx}\delta(t-x)$	$\frac{pq\mathit{\Phi}(q)}{p+q+c}$
5	$e^{-bt-cx}f(t+x)$	$\frac{pq}{p-q-b+c}\left(\frac{F(q+b)}{q+b}-\frac{F(p+c)}{p+c}\right)$
6	$e^{-bt}f(\|x-t\|)$	$\frac{q}{q+b}\cdot\frac{pF(q+b)+(q+b)F(p)}{p+q+b}$
7	$e^{-bt-cx}f(\|x-t\|)$	$\frac{pq}{p+q+b+c}\left(\frac{F(q+b)}{q+b}+\frac{F(p+c)}{(p+c)}\right)$
8	$e^{-bt-cx}f(x-t)$	$\frac{pqF(p+c)}{(p+c)(p+q+b+c)}$
9	$e^{-bt-cx}f(t-x)$	$\frac{pqF(q+b)}{(q+b)(p+q+b+c)}$

1.2.2. Тасвири баъзе интегралҳо

Бо истифода аз табдилоти Лаплас-Карсон на фақат тасвири функсияҳо балки тасвири интегралҳоро низ ёфтан мумкин аст $[32, 108, 102, 17, 34, 69]$. Олимони шуравӣ В. А. Диткин ва дигарон барои муайянкунии тасвири баъзе функсияҳо ва интегралҳо таҳқиқотҳои илми кардаанд [20]. Номбурдаҳо дар сарсухани китобашон бо унвони «Ҳисоби оператсионӣ барои функсияҳои дутағйирёбанда » қайд мекунанд: “Дар ин китоб ҳисоби оператсионии функсияҳои дутағйирёбанда ба воситаи табдилоти Лаплас оварда шудааст. Тавре маълум аст, ҳисоби оператсионӣ дар соҳаҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ васеъ истифода бурда мешавад. Дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ шумораи зиёди корҳо ба табъ расидааст, ки ба назария ва амалияи ҳисоби оператсионии функсияҳои яктағйирёбанда бахшида шудаанд. Нисбат ба ҳисоби оператсионии дутағйирёбанда бошад шумораи хеле ночизи мақолаҳо чоп шуда, адабиёти монографӣ комилан нокифоя мебошад. Чунин ҳолати кор муаллифонро водор мекунад, ки натиҷаҳои асосии ҳисоби оператсионии дутағйирёбандаро дар намуди китоби алоҳида пешниҳод намоянд” [20, саҳ. 5].

Тасвири баъзе интегралҳоеро дида мебароем, ки то ҳол аз тарафи олимон муайян карда нашудааст.

Тасвири интеграли намуди $\boldsymbol{\int_0^t a(t-\tau)\, u(x,\tau)\partial\tau}$***-ро дида мебароем.***

Зикр кардан бо маврид аст, ки тасвири интеграли мазкур ҳангоми $u(x,\tau)$- функсияи яктағирёбанда будан аз тарафи олимон тавассути табдилоти Лаплас муайян карда шудааст [63, 71, 49] ва ҳоло мо тасвири интеграли мазкурро тавассути табдилоти Лаплас-Карсон муайян хоҳем кард.

Теорема 1.2.1: Бигзор функсияҳои $a(t), u(x,t)$ *шартҳои табдилоти Лаплас-ро қаноаткунанда бошанд, он гоҳ ҳангоми* $x > 0, t > 0$ *будан тасвири интеграли мазкур чунин мешавад:*

$$\int_0^t a(t-\tau)\, u(x,\tau)\partial\tau \rightrightarrows \frac{1}{q} A(q) U(p,q)$$

Исбот: Барои исботи теоремаи мазкур тасвири интеграли додашударо бо воситаи табдилоти Лаплас –Карсон муайян мекунем

$$pq \int_0^\infty \int_0^\infty e^{-px-qt} \left(\int_0^t a(t-\tau)\, u(x,\tau)\partial\tau \right) \partial x \partial t =$$

$$= pq \int_0^\infty \int_0^\infty e^{-px} u(x,\tau) \left(\int_\tau^\infty a(t-\tau) e^{-qt}\, \partial t \right) \partial x \partial \tau =$$

гузориши $t-\tau = z; t = z+\tau;\ dt = dz$ *–ро истифода намуда ҳосил мекунем*

$$= pq \int_0^\infty \int_0^\infty e^{-px-q\tau} u(x,\tau) \left(\int_0^\infty a(z) e^{-qz}\, \partial z \right) \partial x \partial \tau =$$

$$= \left(pq \int_0^\infty \int_0^\infty e^{-px-q\tau} u(x,\tau) \partial x \partial \tau \right) \cdot \left(\frac{1}{q} \left(q \int_0^\infty a(z) e^{-qz}\, \partial z \right) \right) =$$

тасвири функсияҳои дар ҳар ду қавс мавҷудбуда барои мо аз баробариҳои (1.2.2), (1.2.3) маълум аст [20, 108] онҳоро ба баробари гузошта ҳосил мекунем

$$\left(pq\int_0^\infty\int_0^\infty e^{-px-q\tau}u(x,\tau)\partial x\partial\tau\right)\cdot\left(\frac{1}{q}\left(q\int_0^\infty a(z)e^{-qz}\,\partial z\right)\right)=\frac{1}{q}A(q)U(p,q)$$

Яъне

$$\int_0^t a(t-\tau)\,u(x,\tau)\partial\tau \rightrightarrows \frac{1}{q}A(q)U(p,q) \qquad (1.2.13)$$

мебошад.

Ҳамин тавр теорема исбот шуд.

Чи тавре мо медонем [21]

$$\frac{\partial u(x,t)}{\partial x} \rightrightarrows p[U(p,q)-\Phi(q)]$$

мебошад. Бинобар ин ҳангоми $u(x,t)=\frac{\partial u(x,t)}{\partial x}$ будан баробарии (1.2.13) намуди зеринро мегирад:

$$\int_0^t a(t-\tau)\frac{\partial u(x,\tau)}{\partial x}\partial\tau \rightrightarrows \frac{1}{q}\cdot A(q)\cdot p[U(p,q)-\Phi(q)] \qquad (1.2.14)$$

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар ҳолати $u(x,t)=u_1(x)u_2(t)$ будан баробарии (1.2.13) чунин мешавад:

$$\int_0^t a(t-\tau)\,u_1(x)u_2(t)\partial\tau \rightrightarrows \frac{1}{q}\cdot A(q)\cdot U_1(p)\cdot U_2(q) \qquad (1.2.15)$$

ва инчунин ҳангоми $u(x,t)=u_3(t)$ будан ҳосил мекунем

$$\int_0^t a(t-\tau)\,u_3(\tau)\partial\tau \rightrightarrows \frac{1}{q}A(q)U_3(q) \qquad (1.2.16)$$

Тасвири интеграли намуди

$$\int_{0}^{min(x,t)} \boldsymbol{f_1(s)\,f_2(x-s,t-s)\partial s}$$

-ро дида мебароем

Сараввал ҳаминро қайд бояд кард, ки тасвири интеграли мазкур тавассути табдилоти Лаплас дутағирёбанда аз тарафи олимон муайян карда шудааст [20] ва ҳоло мо тавассути табдилоти Лаплас-Карсон муайян хоҳем кард.

Теорема 1.2.2: Бигзор функсияҳои $f_1(x), f_1(t), f_2(x,t)$ *шартҳои табдилоти Лаплас-ро қаноаткунанда бошанд, он гоҳ ҳангоми* $x > 0, t > 0$ *будан тасвири интеграли мазкур чунин мешавад:*

$$\int_{0}^{min(x,t)} f_1(s)f_2(x-s,t-s)\partial s \rightrightarrows \frac{F_1(p+q)F_2(p,q)}{p+q}$$

Исбот: Барои исботи теоремаи мазкур тасвири интеграли додашударо бо воситаи табдилоти Лаплас –Карсон муайян мекунем

$$pq\int_{0}^{\propto}\int_{0}^{\infty} e^{-px-qt}\left(\int_{0}^{min(x,t)} f_1(s)f_2(x-s,t-s)\partial s\right)dxdt =$$

барои идома ёфтани амалиёт гузориши $t-s=v; x-s=u$ *-ро истифода намуда ҳосил мекунем*

$$pq\int_{0}^{\propto}\int_{0}^{\infty} e^{-p(u+s)-q(v+s)}\left(\int_{0}^{\infty} f_1(s)\,f_2(u;v)ds\right)dudv =$$

$$= pq \int_0^{\propto} \int_0^{\infty} e^{-pu-qv} f_2(u;v)dudv \int_0^{\infty} e^{-(p+q)s} f_1(s)ds =$$

$$= \left(pq \int_0^{\propto} \int_0^{\infty} e^{-pu-qv} f_2(u;v)dudv \right) \cdot \frac{1}{p+q} \left((p+q) \int_0^{\infty} e^{-(p+q)s} f_1(s)ds \right) =$$

формулаҳои (1.2.2) ва (1.2.3) –ро истифода намуда ҳосил менамоем

$$F_2(p,q) \cdot \frac{1}{p+q} \cdot F_1(p+q) = \frac{F_1(p+q)F_2(p,q)}{p+q}$$

Ҳамин тавр тасвири интеграли мазкур маълум шуд, ки он чунин аст:

$$\int_0^{min(x,t)} f_1(s)f_2(x-s,t-s)\partial s \rightrightarrows \frac{F_1(p+q)F_2(p,q)}{p+q} \qquad (1.2.17)$$

Баробарии (1.2.17)-ро дар шакли муфассал чунин менависанд:

$$\int_{\mathbf{0}}^{\boldsymbol{min}(\boldsymbol{x},\boldsymbol{t})} \boldsymbol{f_1(s)f_2(x-s,t-s)\partial s} =$$

$$= \begin{cases} \displaystyle\int_{\mathbf{0}}^{\boldsymbol{t}} \boldsymbol{f_1(s)f_2(x-s,t-s)\partial s} & \text{ҳангоми } \boldsymbol{x > t} \\ \displaystyle\int_{\mathbf{0}}^{\boldsymbol{x}} \boldsymbol{f_1(s)f_2(x-s,t-s)\partial s} & \text{ҳангоми } \boldsymbol{x < t} \end{cases}$$

Чи тавре мо медонем [21, 75, 72]

$$e^{-bt} \to \frac{p}{p+b}$$

мебошад. Бинобар ин ҳангоми $f_1(s) = e^{-bs}$ будан баробарии (1.2.17) намуди зеринро мегирад:

$$\int_0^{\min(x,t)} e^{-bs} f(x-s,t-s)\partial s \rightrightarrows \frac{\frac{p+q}{p+q+b}F(p,q)}{p+q} = \frac{F(p,q)}{p+q+b}$$

Яъне

$$\int_0^{min(x,t)} e^{-bs} f(x-s,t-s)\partial s \rightrightarrows \frac{F(p,q)}{p+q+b} \qquad (1.2.18)$$

Баробарии (1.2.18) дар ҳолати $b = 0$ будан аз тарафи олимон бо дигар тарзу усул муайян карда шудааст [20]. Мо метавонем бо истифода аз тадбиқи теоремаи зарб (умножения) ва теоремаи кучиш (сдвига) баробарии (1.2.18)-ро аз баръакс дида бароем ва ҳоло мо барои ихтиёри адади ҳақиқии b функсияи ҳақиқи ҷустуҷӯ хоҳем кард. Барои ёфтани функсияи ҳақиқии ба тасвири функсияи $\frac{F(p,q)}{p+q+b}$ мувофиқбуда яке аз тағирёбандаҳоро доими шуморида бо истифода аз теоремаи зарб (умножения) ҳосил мекунем [108]:

$$\frac{F(p,q)}{p+q+b} = \frac{p}{p+q+b} \overset{x}{\overbrace{\overset{\cdot}{*}}} \frac{F(p,q)}{p} = e^{-(q+b)x} \overset{x}{\overbrace{\overset{\cdot}{*}}} F(x,q) =$$

$$= \int_0^x e^{-(q+b)s}\, F(x-s,q)ds$$

акнун теоремаи кучиш (сдвига)-ро истифода намуда хуллосаи зерин мебарорем [20, 26].

$$e^{-(q+b)s}F(x-s,q) =$$

$$= e^{-bs}e^{-qs}F(x-s,q) \rightarrow \begin{cases} 0 & \text{барои } t < s \\ e^{-bs}f(x-s,t-s) & \text{барои } \ t > s \end{cases}$$

аз руи ин хуллосаҳо формулаи умумиро ҳосил мекунем

$$\boldsymbol{\frac{F(p,q)}{p+q+b} \leftleftarrows \int_0^{min(x,t)} e^{-bs} f(x-s,t-s)ds}$$

Ҳамин тавр тавассути ду тарз низ якхел натиҷа ба даст овардем.

Тасвири интеграли зеринро меёбем, ки намуди умумии он чунин аст:

$$\boldsymbol{\int_0^{\min(x,t)}\int_0^{t-s} a(t-s-\tau)\,f(x-s;\tau)e^{-a_1 s}\,ds d\tau}$$

Сараввал таъкид менамоям, ки тасвири интеграли мазкур то ҳол аз тарафи ягон олим муайян карда нашудааст.

Теорема 1.2.3: Бигзор функсияҳои $a(t), f(x,t)$ шартҳои табдилоти Лаплас-ро қаноаткунанда бошанд, он гоҳ ҳангоми $x > 0, t > 0$ будан тасвири интеграли мазкур чунин мешавад:

$$\int_0^{min(x,t)}\int_0^{t-s} a(t-s-\tau)\,f(x-s;\tau)e^{-a_1 s}\,dsd\tau \rightrightarrows \frac{A(q)F(p;q)}{q(p+q+a_1)}$$

Исбот: Бо истифода аз табдилоти Лаплас –Карсон тасвири интеграли мазкурро меёбем, ки то ҳол аз тарафи олимон муайян карда нашудааст

$$pq\int_0^{\propto}\int_0^{\infty} e^{-px-qt}\left(\int_0^{min(x,t)}\int_0^{t-s} a(t-s-\tau)\,f(x-s;\tau)e^{-a_1 s}\,dsd\tau\right)dxdt =$$

гузориши $x - s = u; t - s = v$ –ро истифода карда ҳосил мекунем

$$pq\int_0^{\propto}\int_0^{\infty} e^{-p(u+s)-q(v+s)}\left(\int_0^{\infty}\int_0^{v} a(v-\tau)\,f(u;\tau)e^{-a_1 s}\,dsd\tau\right)dudv =$$

$$= pq\int_0^{\propto}\int_0^{\infty} e^{-pu-qv}\left(\int_0^{v} a(v-\tau)\,f(u;\tau)d\tau\right)dudv\int_0^{\infty} e^{-(p+q+a_1)s}\,ds =$$

чи тавре аз баробарии (1.2.17) мебинем

$$\int_0^v a(v-\tau)\,f(u;\tau)d\tau \rightrightarrows \frac{1}{q}A(q)F(p,q)$$

мебошад, бинобар ин бо истифода аз баробарии зерин ҳосил мекунем

$$\frac{1}{q}A(q)F(p,q)\cdot \lim_{R\to\infty}\left(-\frac{e^{-(p+q+a_1)s}}{p+q+a_1}\bigg|\begin{matrix}R\\0\end{matrix}\right)=\frac{1}{q}A(q)F(p,q)\cdot\frac{1}{p+q+a_1}$$

Ҳамин тавр тасвири интеграли мазкур маълум шуд, ки он чунин аст:

$$\int_0^{min(x,t)}\int_0^{t-s} a(t-s-\tau)\,f(x-s;\tau)e^{-a_1s}\,dsd\tau \rightrightarrows \frac{A(q)F(p;q)}{q(p+q+a_1)} \qquad (1.2.19)$$

Зикр кардан бо маврид аст, ки баробарии (1.2.19) дар ҳолати хусусӣ намуди зеринро мегирал:

$$\int_0^{\min(x,t)}\int_0^{t-s} a(t-s-\tau)\,f(x-s)g(\tau)e^{-a_1s}dsd\tau \rightrightarrows \frac{F(p)G(q)A(q)}{q(p+q+a_1)} \qquad (1.2.20)$$

Тасвири интеграли намуди

$$\boldsymbol{\int_0^t e^{-(b_0t+a_0s)}u_0(x-s)ds}$$

-ро дида мебароем

Формулаи умумии табдилоти Лаплас-Карсон барои функсияи дутағирёбандаро истифода намуда тасвири интеграли мазкурро меёбем

$$pq\int_0^\infty\int_0^\infty e^{-px-qt}\left(\int_0^t e^{-(b_0t+a_0s)}u_0(x-s)ds\right)dxdt=$$

$$= pq\int_0^\infty\int_0^\infty e^{-px-qt}\left(\int_0^t e^{-b_0(t-s)-b_0s-a_0s}u_0(x-s)ds\right)dxdt =$$

$$= pq\int_0^\infty\int_0^\infty e^{-px-qt}\left(\int_0^t e^{-b_0(t-s)}\cdot e^{-b_0s-a_0s}u_0(x-s)ds\right)dxdt =$$

$$= pq\int_0^\infty\int_0^\infty e^{-px-b_0s-a_0s}u_0(x-s)\left(\int_s^\infty e^{-b_0(t-s)}\cdot e^{-qt}dt\right)dxds =$$

гузориши $t - s = z, dt = dz$ –ро истифода намуда ҳосил мекунем

$$pq\int_0^\infty\int_0^\infty e^{-px-qs}\cdot e^{-b_0s-a_0s}u_0(x-s)\left(\int_0^\infty e^{-b_0z}\cdot e^{-qz}dz\right)dxds =$$

$$= \left(pq\int_0^\infty\int_0^\infty e^{-px-qs}\cdot e^{-(a_0+b_0)s}u_0(x-s)dxds\right)\cdot\left(\frac{1}{q}\left(q\int_0^\infty e^{-qz}\cdot e^{-b_0z}dz\right)\right) =$$

тасвири функсияи дар ҳар ду қавс мавҷудбуда алакай барои мо маълум мебошад [32, 63, 38] ва онҳоро дар ҷойҳояшон гузошта ҳосил мекунем

$$= \left(\frac{q}{p+q+a_0+b_0}U_0(p)\right)\cdot\left(\frac{1}{q}\cdot\frac{q}{q+b_0}\right) = \frac{qU_0(p)}{(q+b_0)(p+q+a_0+b_0)}$$

ҳамин тавр тасвири интеграли мазкур маълум карда шуд, ки он чунин аст:

$$\int_0^t e^{-(b_0t+a_0s)}u_0(x-s)ds \rightrightarrows \frac{qU_0(p)}{(q+b_0)(p+q+a_0+b_0)} \qquad (1.2.21)$$

Тасвири интеграли намуди

$$\boldsymbol{r_1(x,t) = \frac{1}{\mathrm{c}}\int_0^t (e^{-ls} - e^{-ct+(c-l)s})u_0(x-s)ds\,; c \neq 0}$$

-ро дида мебароем

Формулаи умумии табдилотро оварда тасвири интеграли додашударо меёбем ва чи гунае, ки аён аст интеграли мазкур аз параметр вобаста мебошад [16].

$$R_1(p,q) = pq\int_0^\infty \int_0^\infty e^{-px-qt} r_1(x,t)dxdt =$$

$$= pq\int_0^\infty \int_0^\infty e^{-px-qt}\left(\frac{1}{\mathrm{c}}\int_0^t (e^{-ls} - e^{-ct+(c-l)s})u_0(x-s)ds\right)dxdt =$$

$$= pq\int_0^\infty \int_0^\infty e^{-px-qt}\left(\frac{1}{\mathrm{c}}\int_0^t e^{-ls}(1 - e^{-c(t-s)})u_0(x-s)ds\right)dxdt =$$

$$= pq\int_0^\infty \int_0^\infty e^{-px-ls}u_0(x-s)\left(\int_s^\infty \frac{1-e^{-c(t-s)}}{c}\cdot e^{-qt}dt\right)dxds$$

Ҳамин тавр интеграли каратии ғайрихосро пайдо намудем [8, 11] ва барои ҳисоб намудани интеграли мазкур гузориши $\mathrm{t} - \mathrm{s} = \mathrm{z}, \mathrm{dt} = \mathrm{dz}$ –ро истифода намуда ҳосил мекунем

$$pq\int_0^\infty \int_0^\infty e^{-px-qs}\cdot e^{-ls}u_0(x-s)\left(\int_0^\infty \left(\frac{1-e^{-cz}}{c}\right)\cdot e^{-qz}dz\right)dxds =$$

$$= \left[pq\int_0^\infty \int_0^\infty e^{-px-qs}\cdot e^{-ls}u_0(x-s)dxds\right]\cdot\left[\frac{1}{q}\left(q\int_0^\infty e^{-qz}\cdot\left(\frac{1-e^{-cz}}{c}\right)dz\right)\right] =$$

тасвири функсияи дар ҳар ду қавси мавҷудбуда алакай бар мо маълум аст [71, 21] ва онҳоро дар ҷойҳояшон гузошта ҳосил мекунем

$$=\left[\frac{qU_0(p)}{p+q+l}\right]\cdot\left[\frac{1}{q}\cdot\frac{1}{q+c}\right]=\frac{1}{q(q+c)}\cdot\frac{qU_0(p)}{p+q+l}=\frac{U_0(p)}{(q+c)(p+q+l)}$$

ҳамин тавр тасвири интеграли мазкур низ маълум карда шуд, ки он чунин аст:

$$\frac{1}{\text{c}}\int_0^t(e^{-ls}-e^{-ct+(c-l)s})u_0(x-s)ds \rightrightarrows \frac{1}{(q+c)(p+q+l)}U_0(p) \qquad (1.2.22)$$

дар ин ҷо *c*, *l*- ададҳои ҳақиқии ихтиёри буда, инчунин $c\neq 0$ аст.

Тасвири интеграли зеринро меёбем

$$\int_0^t\left(\boldsymbol{\delta}(\boldsymbol{t}-\boldsymbol{s})+\boldsymbol{bh}(\boldsymbol{t}-\boldsymbol{s})\right)\boldsymbol{e}^{-\boldsymbol{bs}}\boldsymbol{f}(\boldsymbol{x}+\boldsymbol{s})\boldsymbol{ds}$$

Дар ин ҷо $\delta(t), h(t)$- функсияи умумикардашуда мебошанд [54, 56].

Теорема 1.2.4: Бигзор функсияҳои $f(x)$ *шартҳои табдилоти Лапласро қаноаткунанда бошанд, он гоҳ ҳангоми* $x>0, t>0$ *будан тасвири интеграли мазкур чунин мешавад:*

$$\int_0^t\left(\delta(t-s)+bh(t-s)\right)e^{-bs}f(x+s)ds \rightrightarrows \frac{pF(q+b)-(q+b)F(p)}{p-(q+b)}$$

Исбот: Формулаи умумии табдилоти Лаплас-Карсон барои функсияи дутағирёбандаро истифода намуда тасвири интеграли мазкурро меёбем

$$pq\int_0^\infty\int_0^\infty e^{-px-qt}\left(\int_0^t(\delta(t-s)+bh(t-s))e^{-bs}f(x+s)ds\right)dxdt=$$

гузориши $t - s = z; dt = dz$ *–ро истифода намуда ҳосил мекунем*

$$= \left(pq \int_0^\infty \int_0^\infty e^{-px-qs} \cdot e^{-bs} f(x+s)\, dxds \right) \cdot \left(\frac{1}{q} \left(q \int_0^\infty \big(\delta(z) + bh(z)\big)\, e^{-qz} dz \right) \right)$$

Ҳамин тавр интегралҳои ғайрихосро пайдо кардем [27, 28]. Чи тавре мо медонем тасвири функсияи қавси дуюм барои мо маълум мебошад [38, 24, 108] ва тасвири функсияи қавси якум аз формулаи (1.2.12) бар мо маълум аст. (ба ҷадвали 1.2.1. ва 1.2.2. нигаред) Ҳамин тавр тасвирҳоро гузошта ҳосил мекунем

$$\left(\frac{q}{q+b} \cdot \frac{pF(q+b) - (q+b)F(p)}{p - (q+b)} \right) \cdot \left(\frac{q+b}{q} \right) = \frac{pF(q+b) - (q+b)F(p)}{p - (q+b)}$$

Яъне

$$\int_0^t \big(\delta(t-s) + bh(t-s)\big) e^{-bs} f(x+s) ds \rightrightarrows \frac{pF(q+b) - (q+b)F(p)}{p - (q+b)} \quad (1.2.23)$$

Тасвири интеграли зеринро меёбем

$$\int_{\mathbf{0}}^{\mathbf{min}(\boldsymbol{x},\boldsymbol{t})} \big(\boldsymbol{\delta}(\boldsymbol{t}-\boldsymbol{s}) + \boldsymbol{bh}(\boldsymbol{t}-\boldsymbol{s})\big)\boldsymbol{e}^{-\boldsymbol{bs}} \boldsymbol{f}(\boldsymbol{x}-\boldsymbol{s})\boldsymbol{ds}$$

Чи тавре аз баробарии (1.2.17) мо мебинем

$$\int_0^{min(x,t)} f_1(s) f_2(x-s) f_3(t-s) \partial s \rightrightarrows \frac{F_1(p+q) F_2(p) F_3(q)}{p+q} \quad (1.2.24)$$

мебошад. Дар интеграле, ки мо тасвирашро ҷустуҷӯ карда истодаем

$$f_1(t) = e^{-bt} \to \frac{q}{q+b}$$

$$f_2(x) = f(x) \to F(p)$$

$$f_3(t) = \big(\delta(t) + bh(t)\big) \to q + b$$

мебошад [20, 75, 5]. Тасвирҳоро ба баробарии (1.2.24) гузошта ҳосил мекунем:

$$\int_0^{\min(x,t)} \big(\delta(t-s) + bh(t-s)\big)e^{-bs} f(x-s)ds \rightrightarrows (q+b)\cdot\frac{p+q}{p+q+b}\cdot\frac{F(p)}{p+q}$$

$$= \frac{(q+b)F(p)}{p+q+b}$$

Яъне

$$\int_0^{min(x,t)} \big(\delta(t-s) + bh(t-s)\big)e^{-bs} f(x-s)ds \rightrightarrows \frac{(q+b)F(p)}{p+q+b} \qquad (1.2.25)$$

Оё тасвири интеграли мазкур дуруст навишта шудааст?

$$\boldsymbol{\int_0^t e^{-b(t-s)}\varphi_2(s)ds - \int_0^{min(x;t)} e^{-bs}h(x-s)\varphi_2(t-s)ds \rightrightarrows \frac{p\Phi_2(q)}{(q+b)(p+q+b)}}$$

Барои ҷавоб гуфтан ба ин савол масъаларо аз баръакс таҳлил мекунем ва ҳамин тавр ифодаро содда намуда ҳосил мекунем

$$\frac{p\Phi_2(q)}{(q+b)(p+q+b)} = \frac{\Phi_2(q)}{q+b} - \frac{\Phi_2(q)}{p+q+b} = \frac{\Phi_2(q)}{q+b} - \frac{H(p)\Phi_2(q)}{p+q+b}$$

Чи тавре аз баробарии (1.2.24) мо мебинем тасвири интеграли намуди

$$\int_0^{min(x;t)} e^{-bs}h(x-s)\varphi_2(t-s)ds$$

чунин аст:

$$\int_0^{min(x;t)} e^{-bs}h(x-s)\varphi_2(t-s)ds \rightrightarrows \frac{H(p)\Phi_2(q)}{p+q+b}$$

дар ин ҷо $h(x)-$ функсияи Хевисайд буда [56], тасвири он тавассути табдилоти Лаплас-Карсон чунин мебошад:

$$h(x) \to 1 = H(p)$$

ва инчунин чи гунае, ки аз баробарии (1.2.24) мо мебинем

$$\int_0^t e^{-b(t-s)}\varphi_2(s)ds \rightrightarrows \frac{\Phi_2(q)}{q+b}$$

мебошад [31, 32].

Яъне

$$\int_0^t e^{-b(t-s)}\varphi_2(s)ds - \int_0^{min(x;t)} e^{-bs}h(x-s)\varphi_2(t-s)ds \rightrightarrows$$

$$\frac{p\Phi_2(q)}{(q+b)(p+q+b)} \qquad (1.2.26)$$

мешавад. Ҳамин тавр маълум шуд, ки тасвири интеграли мазкур дуруст навишта шудааст.

Тасвири интегралеро меёбем, ки ядрояш суммаи функсияҳои умумикардашуда мебошанд

$$\boldsymbol{\int_0^t \big(\delta(t-s) + bh(t-s)\big)e^{-bs} f(s)ds}$$

Формулаи табдилоти Лаплас-Карсон барои функсияҳои яктағирбандаро истифода намуда [20, 21, 71] тасвири интеграли мазкурро меёбем

$$q\int_0^\infty e^{-qt}\left(\int_0^t \big(\delta(t-s) + bh(t-s)\big)e^{-bs} f(s)ds\right)dt =$$

гузориши $t - s = z; dt = dz$ –ро истифода намуда ҳосил мекунем

$$q\int_0^{\infty} e^{-q(z+s)} \int_s^t \big(\delta(z) + bh(z)\big)e^{-bs} f(s)ds\,dz =$$

$$= \left[q\int_0^{\infty} e^{-qz}\big(\delta(z) + bh(z)\big)dz\right] \cdot \left[\int_0^{\infty} e^{-(q+b)s} f(s)ds\right] =$$

$$= (q+b)\int_0^{\infty} e^{-(q+b)s} f(s)ds = F(q+b)$$

Яъне

$$\int_0^t \big(\delta(t-s) + bh(t-s)\big)e^{-bs} f(s)ds \to F(q+b) \qquad (1.2.27)$$

Тасвири интеграли зеринро меёбем

$$\int_0^t a(t-\tau)\, e^{-b\tau} u_1(x+\tau)\partial\tau$$

Бо истифода аз татбиқи баробарии (1.2.13) тасвири интеграли додашударо муайян мекунем. Интеграле, ки мо тасвирашро ҷустуҷӯ карда истодаем ҳолати хусусӣ барои интеграли (1.2.13) буда, дар ин ҷо

$$u(x,\tau) = e^{-b\tau} u_1(x+\tau)$$

мебошад, ки тасвири он чунин аст [2-М, 21, 75]:

$$e^{-b\tau} u_1(x+\tau) \rightrightarrows \frac{pq}{p-(q+b)} \cdot \frac{pF(q+b) - (q+b)F(p)}{p(q+b)}$$

Тасвири ядро $a(t)$ ва функсияи $u(x,\tau)$-ро ба баробарии (1.2.13) гузошта ҳосил мекунем

$$\int\limits_0^t a(t-\tau)\,u(x,\tau)\partial\tau = \int_0^t a(t-\tau)\,e^{-b\tau}u_1(x+\tau)\partial\tau \rightrightarrows$$

$$\left(\frac{pq}{p-(q+b)}\cdot\frac{pF(q+b)-(q+b)F(p)}{p(q+b)}\right)\cdot\frac{A(q)}{q} =$$

$$= \frac{A(q)}{q+b}\cdot\frac{pF(q+b)-(q+b)F(p)}{p-(q+b)}$$

Яъне

$$\int_0^t a(t-\tau)\,e^{-b\tau}u_1(x+\tau)\partial\tau \rightrightarrows \frac{A(q)}{q+b}\cdot\frac{pF(q+b)-(q+b)F(p)}{p-(q+b)} \qquad (1.2.28)$$

мешавад.

Тасвири интеграли зеринро меёбем

$$\int\limits_{\mathbf{0}}^{\mathbf{min}(\boldsymbol{x},\boldsymbol{t})} \boldsymbol{e^{-a_0(t-s)}\cdot e^{-a_1 s}\cdot f(x-s;t-s)ds}$$

Ҳудуди интеграли мазкур аз тағирёбандаҳо иборат буда, инчунин интеграл аз параметир низ вобаста аст [71, 48]. Чи тавре маълум аст дар ҳолати $a_0 = 0\,, a_1 = 0$ будан тасвири интеграли мазкур аз тарафи олимон муайян шудааст [20, 21] ва дар ҳолати $a_0\,, a_1 -$ ихтиёри адади ҳақиқӣ будан бо истифода аз табдилоти Лаплас –Карсон тасвири интеграли мазкурро меёбем

$$pq\int\limits_0^{\propto}\int\limits_0^{\infty} e^{-px-qt}\left(\int\limits_0^{\min(x,t)} e^{-a_0(t-s)}\cdot e^{-a_1 s}\cdot f(x-s;t-s)ds\right)dxdt =$$

дар баробарии мазкур гузориши $x-s=u; t-s=v$ –ро истифода бурда ҳосил мекунем

$$= pq\int_0^{\propto}\int_0^{\infty} e^{-p(u+s)-q(v+s)}\left(\int_0^{\infty} e^{-a_0 v}\cdot e^{-a_1 s}\cdot f(u;v)ds\right)dudv =$$

$$= pq\int_0^{\propto}\int_0^{\infty} e^{-pu-(q+a_0)v} f(u;v)dudv\int_0^{\infty} e^{-(p+q+a_1)s}\cdot ds =$$

$$= \frac{q}{q+a_0}\cdot\left(p(q+a_0)\int_0^{\propto}\int_0^{\infty} e^{-pu-(q+a_0)v} f(u;v)dudv\right)\cdot\left(\int_0^{\infty} e^{-(p+q+a_1)s}\,ds\right) =$$

Интеграли дар қавси якум мавҷудбуда табдилоти Лаплас-Карсон мебошад ва интеграли ғайрихоси дар қавси дуюм овардашударо ҳисоб намуда ҳосил мекунем

$$= \frac{q}{q+a_0}\cdot F(p;q+a_0)\cdot \lim_{R\to\infty}\left(-\frac{e^{-(p+q+a_1)s}}{p+q+a_1}\Bigg|\begin{matrix}R\\0\end{matrix}\right) =$$

$$= \frac{q}{q+a_0}\cdot F(p;q+a_0)\cdot\frac{1}{p+q+a_1}$$

Ҳамин тавр тасвири интеграли мазкур маълум шуд, ки он чунин аст:

$$\int_0^{min(x,t)} e^{-a_0(t-s)-a_1 s} f(x-s;t-s)ds \rightrightarrows \frac{qF(p;q+a_0)}{(p+q+a_1)(q+a_0)} \qquad (1.2.29)$$

Олими амрикоӣ А. Бабаханӣ дар монографияи худ бо номи “Назарияи табдилотҳои бисёрченакаи Лаплас ва масъалаҳои сарҳадӣ” изҳори ақида мекунад: “Ҳадафи асосии ин рисола омӯзиши табдилоти бисёрченакаи Лаплас ва тарзҳои мухталифи ҳисобкунии он мебошад. Якчанд теоремаҳо ва усулҳои ҳисобкунӣ исбот шудаанд, ҷуфтҳои нави табдилоти Лаплас аз як ва ду ченакҳои маълум пешниҳод карда мешаванд. Дар боби якум чор теоремаи асосӣ исбот карда мешавад ва сипас ҳадди ақҷал як натиҷа барои ба даст овардани техникаи ба даст овардани табдилоти баръакси Лаплас барои баъзе функсияҳои махсус. Аввалан, мо ин теоремаҳоро бо ду ченак маҳдуд карда, баъдан мо онҳоро ба се ченак васеъ мекунем. Боби дуюм аз теоремаҳо доир ба табдилоти дученакаи Лаплас оғоз мешавад ва якчанд системаҳое, ки аз ин теоремаҳо ба даст омадаанд, иборат аст. Мо инчунин баъзе теоремаҳои баръаксро исбот мекунем. Дар боби сеюм мо n итератсияи табдилотҳоро барои ба даст овардани табдилоти Лапласи дученака бо ҳам пайваст мекунем. Ниҳоят, баъзе масъалаҳои сарҳадӣ барои муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ тавсиф мешаванд.” ($[106]$ саҳ. $3-4$).

Дар китоби Дёч Г чунин таърифи табдилоти Лаплас пешниҳод шудааст: “Агар мо табдилоти Лапласро барои муодилаҳо дар ҳосилаҳои хусусӣ татбиқ намоем барои мо зарур аст, барои функсияи $u(x,t)$ ва ҳосилаҳои он, ки ба муодила шомиланд, табдилоти Лапласро иҷро кунем. Аз баски табдилоти Лаплас ба гирифтани интеграл аз як тағйирёбанда оварда мешавад, он гоҳ ҳангоми татбиқи он ба функсияи $u(x,t)$ ба мо зарур аст, ки тағйирёбандаи x доими бошад. Ба сифати соҳаи тағирёбии x $[0,\infty)$ –ро мегирем. Яъне ба ҳар як қимати муайяни x тасвири алоҳидаи $u(x,t)$ мувофиқ меояд. Ба ҳамин сабаб тасвир на фақат аз s балки аз x низ вобаста аст.” ([29], саҳ. 128).

Ҳамаи формулаҳои дар рисола овардашударо дар шакли ҷадвал нишон медиҳем (Ҷадвали 1.2.2. Тасвири баъзе интегралҳо) ва то ҷое огоҳ ҳастем дар таърихи риёзиёт то ҳол ин гуна формулаҳо аз тарафи олимон баррасӣ карда нашудааст. Бояд гуфт, ки бо истифода аз татбиқи ҷадвали мазкур мо метавонем ҳалли ҳар гуна масъалаҳои дар соҳаҳои техника, технология ва ғайра мавҷудбударо ҳал кунем. Дар ин ҷадвал функсияҳои $f(x,t)$ функсияҳои тағирёбандаашон ҳақиқие мебошанд, ки шартҳои табдилоти Лапласро қаноат мекунанд. Яъне функсияҳои додашуда функсияҳои оригинал мебошанд $[1, 41,\ 38, 50, 63]$. Функсияҳои $F(p,q)$ функсияҳои тағирёбандаашон комплексӣ мебошанд $[77, 26,\ 98,\ 99]$.

Ҷадвали 1.2.2. Тасвири баъзе интегралҳо

№	$f(x,t) \qquad (x>0;\quad t>0)$	$F(p,q)$
1	$\int_0^{min(x,t)} e^{-as} f(x-s,t-s)ds$	$\frac{F(p,q)}{p+q+a}$
2	$\frac{1}{\text{c}}\int_0^t (e^{-ls}-e^{-ct+(c-l)s})u_0(x-s)ds;\ c\neq 0$	$\frac{1}{(q+c)(p+q+l)}U_0(p)$
3	$\int_0^t e^{-(b_0t+a_0s)}u_0(x-s)ds$	$\frac{qU_0(p)}{(q+b_0)(p+q+a_0+b_0)}$
4	$\int_0^{min(x,t)}\int_0^{t-s} a(t-s-\tau)\,f(x-s;\tau)e^{-a_1s}\,dsd\tau$	$\frac{A(q)F(p;q)}{q(p+q+a_1)}$
5	$\int_0^t e^{-(bt+s)}u_0(x-s)ds$	$\frac{q}{(q+b)(p+q+1+b)}U_0(p)$
6	$\int_0^t a(t-\tau)u(x,\tau)d\,\tau$	$\frac{1}{q}A(q)U(p,q)$
7	$\int_0^{min(x,t)}\int_0^{t-s} e^{-a_2(t-s-\tau)}\,f(x-s;\tau)e^{-a_1s}\,dsd\tau$	$\frac{F(p;q)}{(q+a_2)(p+q+a_1)}$
8	$\int_0^{min(x,t)} \big(\delta(t-s)+bh(t-s)\big)e^{-bs}\,f(x-s)ds$	$\frac{(q+b)F(p)}{p+q+b}$
9	$\int_0^t \big(\delta(t-s)+bh(t-s)\big)e^{-bs}\,f(x+s)ds$	$\frac{pF(q+b)-(q+b)F(p)}{p-(q+b)}$
10	$\int_0^t \big(\delta(t-s)+bh(t-s)\big)e^{-bs}\,f(\lvert x-s\rvert)ds$	$\frac{pF(q+b)+(q+b)F(p)}{p+q+b}$

Идомаи ҷадвали 1.2.2.

11	$\int\limits_0^t \big(\delta(t-s)+bh(t-s)\big)e^{-bs}\, f(s)ds$	$F(q+b)$
12	$\int_0^t a(t-\tau)\, e^{-b\tau} f(x+\tau)\partial\tau$	$\frac{A(q)}{q+b}\cdot\frac{pF(q+b)-(q+b)F(p)}{p-(q+b)}$
13	$\int_0^t a(t-\tau)\, e^{-b\tau} f(\lvert x-\tau\rvert)\partial\tau$	$\frac{A(q)}{q+b}\cdot\frac{pF(q+b)+(q+b)F(p)}{p+(q+b)}$
14	$\int_0^t a(t-\tau)\, e^{-b\tau}\big(f(x+\tau)+f(\lvert x-\tau\rvert)\big)\partial\tau$	$\frac{2A(q)}{q+b}\cdot\frac{p^2F(q+b)-(q+b)^2F(p)}{p^2-(q+b)^2}$
15	$\int\limits_0^{min(x,t)} e^{-a_0(t-s)}\cdot e^{-a_1 s}\cdot f(x-s;t-s)ds$	$\frac{qF(p;q+a_0)}{(p+q+a_1)(q+a_0)}$
16	$\int\limits_0^t e^{-a_0(t-s)}\cdot e^{-a_1 s}\cdot\delta(x-s)u_0(t-s)ds;\ \ x>t$	$\frac{q}{q+a_0}\cdot\frac{pU_0(q+a_0)}{p+q+a_1}$
17	$\int\limits_0^{min(x,t)} e^{-a_1 t}\cdot u_0(x+t-2s)ds$	$\frac{q}{q+a_1}\cdot\frac{pU_0(q+a_1)-(q+a_1)U_0(p)}{p^2-(q+a_1)^2}$
18	$\int\limits_0^{min(x,t)}\int\limits_0^{t-s} e^{-a_1 s}a(t-s-\tau)\, f_1(x-s)\, f_2(\tau)dsd\tau$	$\frac{F_1(p)F_2(q)A(q)}{q(p+q+a_1)}$
19	$\int\limits_0^t e^{-b(t-s)}\varphi_2(s)ds-$ $-\int\limits_0^{min(x;t)} e^{-bs}h(x-s)\varphi_2(t-s)ds$	$\frac{p\Phi_2(q)}{(q+b)(p+q+b)}$
20	$\int\limits_0^{min(x,t)} e^{-as}f(x-s,t-s)g(s)ds$	$\frac{G(p+q+a)F(p,q)}{p+q+a}$

БОБИ 2. МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛИ БО ҲОСИЛАҲОИ ХУСУСӢ

2.1. Муодилаҳои дифференсиали бо ҳосилаҳои хусусӣ

2.1.1 Мафҳуми асосӣ

Дар самтҳои мухталифи илм ва техника масъалаҳое дучор мешаванд, ки барои ҳалли онҳо муодилаҳои дифференсиали бо ҳосилаҳои хусусӣ истифодашаванда мебошанд. Муодилаҳои дифференсиали бо ҳосилаҳои хусусӣ ҳангоми таҳқиқи ҳодисаҳои механикӣ, ҳодисаҳои ҳароратӣ, ҳодисаҳои электрикӣ, ҳодисаҳои оптикӣ, акустика ва ғайраҳо татбиқи васеи амали доранд $[87, 104]$.

Ба монанди муодилаҳои дифференсиалии оддӣ, муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ низ дорои тартиби муайян мебошанд. Тартиби муодилаи дифференсиалӣ гуфта дараҷаи калонтарини ҳосиларо, ки дар муодилаи дифференсиалии додашуда мавҷуд аст мегуянд. Масалан $u_x = y, \frac{\partial u}{\partial y} = f(x, y), \ldots -$муодилаҳои дифференсиали бо ҳосилаи хусусии тартиби як буда, $\frac{\partial^2 u}{\partial x \partial y} = \frac{x}{y}$; $u_{xx} = xy$; $u_{yy} = \ln(x + y)$... муодилаҳои диффе-ренсиали бо ҳосилаҳои хусусии тартиби ду мебошанд. Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки муодилаҳои дифференсиалӣ на фақат тартиби як, ду балки тартиби $n -$ низ шуда метавонанд [45]. $(n = 1,2,3, . .)$ Зикр кардан бо маврид аст, ки ба ғайр аз муодилаҳои дифференсиалии тартибашон бутун муодилаҳои дифференсиалии тартиби касри низ мавҷуд аст.

Намуди умумии муодилаи дифференсиалӣ бо ҳосилаи хусусии тартиби ду чунин аст:

$$A\frac{\partial^2 u}{\partial x^2} + 2B\frac{\partial^2 u}{\partial x \partial y} + C\frac{\partial^2 u}{\partial y^2} + F(x, y. u. u_x, u_y) = 0 \qquad (2.1.1)$$

дар ин ҷо $A(x, y, u)$, $B(x, y, u)$, $C(x, y, u)$ функсияҳои маълуми аз x, y, u вобаста буда, инчунин адад хам низ шуда метавонанд ва $u(x. y)$ функсияи ҷустуҷӯшаванда мебошад [96].

Таъриф. Функсияи u(x.y) ҳалли муодилаи дифференсиалӣ бо ҳосилаи хусусӣ номида мешавад агар онро ҳангоми ба муодила гузоштан ҳар ду тарафи баробари ба айният табдил ёбад.

Муодилаи дифференсиали бо ҳосилаҳои хусусии тартиби ду ба се навъ ҷудо мешавад: гиперболӣ, параболӣ ва элипсӣ [96, 45].

1) Ҳангоми $AC - B^2 < 0$ будан муодила дорои навъи гиперболӣ буда бо истифода аз гузориши x=x($\alpha.\beta$), y=y($\alpha.\beta$) муодила ба намуди

$$u_{\alpha\alpha} - u_{\beta\beta} = \Phi_1(\alpha, \beta. u. u_\alpha, u_\beta)$$

табдил меёбад, ки онро намуди умумии муодилаи навъи гиперболӣ меноманд. ([16]) Яке аз мисолҳои муодилаи навъи гиперболӣ муодилаи мавҷ мебошад, ки намуди зеринро дорад:

$$u_{tt} = \mathrm{a}^2 u_{xx}$$

2) Ҳангоми $AC - B^2 = 0$ будан муодила дорои навъи параболӣ буда бо истифода аз гузориши x=x(α; β), y=y(α; β) муодила ба намуди

$$u_{\alpha\alpha} = \Phi_2(\alpha, \beta. u. u_\alpha, u_\beta)$$

табдил меёбад, ки онро намуди умумии муодилаи навъи параболӣ меноманд. Яке аз мисолҳои муодилаи навъи параболӣ муодилаи гармигузаронӣ мебошад, ки намуди умумии муодилаи мазкур чунин мебошад:

$$u_t = \mathrm{a}^2 u_{xx}$$

3) Хангоми $AC - B^2 > 0$ будан муодила дорои навъи элипсӣ буда бо истифода аз гузориши x=x($\alpha.\beta$), y=y($\alpha.\beta$) муодила ба намуди

$$u_{\alpha\alpha} + u_{\beta\beta} = \Phi_3(\alpha, \beta. u. u_\alpha, u_\beta)$$

табдил меёбад, ки онро намуди умумии муодилаи навъи элипсӣ меноманд [11, 18].

2.1.2 Муодилаи дифференсиали бо ҳосилаи хусусии тартиби як

Бигзор функсияи $u = u(x, y, z)$ аз се тағирбанда иборат бошад

Таърифː Муодилаи намуди

$$\boldsymbol{P(x,y,z,u)\frac{\partial u}{\partial x}+Q(x,y,z,u)\frac{\partial u}{\partial y}+R(x,y,z,u)\frac{\partial u}{\partial z}=T(x,y,z,u)} \quad \mathbf{(2.1.2)}$$

муодилаи квазихаттӣ бо ҳосилаи хусусии тартиби як номида мешавад, ки дар ин ҷо $\boldsymbol{P,Q,R,T-}$ функсияҳои додашуда буд, $\boldsymbol{u(x,y,z)}$ −функсияи ҷустуҷӯшаванда мебошад.

Дар ҳолати функсияҳои додашуда $\mathrm{P,Q,R,T}$ аз u вобаста набудан муодилаи $(1.2.2)$ −ро хаттӣ меноманд. Инчунин дар ҳолати $\mathrm{T}=0-$ будан муодилаи $(1.2.2)-$ якҷинса номида мешавад [11].

Ҳангоми ҳалли муодилаи дифференсиалии (1.2.2) тартиб додани муодилаи характеристики ҳатми мебошад, ки намуди умумии он чунин аст:

$$\frac{dx}{P}=\frac{dy}{Q}=\frac{dz}{R}=\frac{du}{T} \qquad (2.1.3)$$

Масалан ҳангоми ҳал намудани муодилаи $x\frac{\partial u}{\partial x}+y\frac{\partial u}{\partial y}=0$ формулаи (2.1.3) истифодашаванда буда, ҳалли муодила бошад $u=\varphi\left(\frac{y}{x}\right)$ мешавад, ки дар ин ҷо функсияи φ −ихтиёри функсияи дифференсиронидашаванда аст.

2.1.3 Муодилаи дифференсиалӣ бо ҳосилаи хусусии тартиби ду

Бигзор $u(x,y)-$ функсияи дутағирёбанда ва инчунин функсияҳои A,B,C,a,b,c,f −функсияҳои додашуда бошанд.

Таърифː Муодилаи намуди

$$\boldsymbol{A\frac{\partial^2 u}{\partial x^2}+2B\frac{\partial^2 u}{\partial x\partial y}+C\frac{\partial^2 u}{\partial y^2}+a\frac{\partial u}{\partial x}+b\frac{\partial u}{\partial y}+cu=f(x,y)} \qquad \mathbf{(2.1.4)}$$

муодилаи дифференсиалии хаттӣ бо ҳосилаи хусусии тартиби ду номида мешавад. Дар ин ҷо $\boldsymbol{A(x,y),B(x,y),C(x,y),a(x,y),b(x,y),c(x,y),f(x,y)-}$ функсияҳои додашуда ва $\boldsymbol{u(x,y)-}$ функсияи ҷустуҷӯшаванда мебошад.

Агар функсияи $A,B,C,a,b,c,f-$ ба ғайр аз x,y инчунин аз u низ вобаста бошанд он гоҳ муодилаи $(1.2.4)$ – квазихаттӣ номида мешавад.

Муодилаи намуди

$$Ady^2 - 2Bdxdy + Cdx^2 = 0$$

муодилаи характеристикӣ ном дорад [43, 45].

2.2. Татбиқи табдилоти Лаплас-Карсон дар ҳалли муодилаҳои дифференсиалӣ

Мо метавонем усули ҳисоби оператсиониро дар ҳалли муодилаҳои дифференсиалӣ, муодилаҳои интегралӣ ва муодилаҳои интегро-дифференсиалӣ татбиқ намоем. Бояд қайд намуд, ки бо истифода аз табдилоти Лаплас бисёртағирёбанда баъзе синфи ҳалли муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ, муодилаҳои интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ дида баромада шудааст [116, 20, 26]. Бо истифода аз татбиқи табдилоти Лаплас-Карсон ҳалли муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаи хусусӣ осон ва қулай мебошад. Масалан муодилаи

$$\frac{\partial u}{\partial x} = f(t)$$

-ро, ки шарти ибтидоии он $u(0,t) = \varphi(t)$ мебошад бо осони метавон ҳал намуд. Дар ибтидои ҳал тасвири ҳосила ва функсияҳоро меорем, ки онҳо чунинанд [20]:

$$u(0,t) = \varphi(t) \rightarrow \Phi(q); f(t) \rightrightarrows F(q); \ \frac{\partial u(x,t)}{\partial x} \rightrightarrows p[U(p,q) - \Phi(q)]$$

акнун тасвирҳоро ба муодила гузошта ҳалли муодиларо ҷустуҷӯ мекунем

$$p[U(p,q) - \Phi(q)] = F(q)$$

$$U(p,q) - \Phi(q) = \frac{F(q)}{p}$$

$$U(p,q) = \left\{\frac{1}{p} \cdot F(q)\right\} + \{\Phi(q)\}$$

Тасвири ҳардуи қавсҳо барои мо маълум мебошад [20, 21]. Ҳамин тавр ҳалли муодиларо менависем

$$u(x,t) = xf(t) + \varphi(t)$$

Бо истифода аз татбиқи табдилоти Лаплас-Карсон масъалаҳои мушахасро дида мебароем, ки яке аз он масъалаҳо муодилаи транспорт бо манбаи хаттӣ ба шумор меравад.

2.2.1 Муодилаи транспорт бо манбаи хаттӣ

Олимон барои ҳал намудани муодилаи дифференсиали бо ҳосилаи хусусӣ тарзҳои гуногуни ҳалро истифода мекунанд. Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки усули ҳисоби оператсионӣ дар ҳалли муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаи хусусӣ истифодашаванда мебошад. Табдилоти Лаплас-Карсон –ро татбиқ намуда ҳалли муодилаи зеринро ҷустуҷӯ мекунем

$$\frac{\partial u}{\partial x} + \frac{\partial u}{\partial t} + au = f(x,t) \qquad (2.2.1)$$

Шартҳои ибтидоӣ ва канориро меорем: $\begin{cases} u(x,0) = u_0(x); & x > 0 \\ u(0,t) = \varphi(t); & t > 0 \end{cases}$ (2.2.2)

Дар ҳолати $a = 0$ будан ҳалли муодилаи мазкур бо истифода аз усули ҳисоби оператсионӣ аз тарафи олимон дида баромада шудааст [20] ва ҳоло мо барои ихтиёрии адади ҳақиқии a ҳалли умумии муодилаи (2.3.1)-ро бо шартҳои додашудаи (2.3.2) дида мебароем. Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки ҳар яке аз ин функсияҳо бефосила ва дифференсиронидашаванда нисбат ба ҳарду тағирёбанда бошанд ва инчунин шартҳои табдилоти Лапласро қаноат кунанд $[102, 81, 63]$. Сараввал тасвири функсияҳо ва ҳосилаҳоро меорем $[20, 21, 32]$

$u(x,t) \rightrightarrows U(p,q); u(x,0) = u_0(x) \to U_0(p);\ u(0,t) = \varphi(t) \to \Phi(q);$

$f(x,t) \rightrightarrows F(p,q);\ \frac{\partial u(x,t)}{\partial t} \rightrightarrows q[U(p,q) - U_0(p)];\ \frac{\partial u(x,t)}{\partial x} \rightrightarrows p[U(p,q) - \Phi(q)]$

акнун тасвирҳоро ба муодилаи (2.3.1) гузошта ҳосил мекунем

$$p[U(p,q) - \Phi(q)] + q[U(p,q) - U_0(p)] + aU(p,q) = F(p,q)$$

$$U(p,q) = \frac{F(p,q) + p\Phi(q) + qU_0(p)}{p+q+a}$$

$$U(p,q) = \left\{\frac{F(p,q)}{p+q+a}\right\} + \left\{\frac{p\Phi(q)}{p+q+a}\right\} + \left\{\frac{qU_0(p)}{p+q+a}\right\} \quad (2.2.3)$$

Баробарии (2.2.3) ҳалли умумии муодилаи (2.2.1) дар фазои зудӣ буда, функсияи тағирёбандааш комплексӣ ба шумор меравад ва аз се ҷамъшавандаи қавсҳо иборат аст [74, 88, 51, 38]. Чи тавре мо медонем функсияҳои ҳақиқии барои тасвирҳои дар баробарии (2.2.3) мавҷудбуда алакай бар мо маълум аст (ба ҷадвали 1.2.1 ва 1.2.2 нигаред).

1) $\left\{\frac{F(p,q)}{p+q+a}\right\} \leftleftarrows \int_0^{\min(x,t)} e^{-as} f(x-s,t-s)ds$

2) $\left\{\frac{p\Phi(q)}{p+q+a}\right\} \leftleftarrows e^{-ax}\varphi(t-x)$

3) $\left\{\frac{qU_0(p)}{p+q+a}\right\} \leftleftarrows e^{-at}u_0(x-t)$

акнун ҳалли умумии муодиларо менависем

$$u(x,t) = e^{-ax}\varphi(t-x) + e^{-at}u_0(x-t) + \int_0^{\min(x,t)} e^{-as} f(x-s,t-s)ds$$

Ҳалли мазкурро дар шакли муфассал чунин менависанд:

$$u(x,t) = \begin{cases} e^{-\mathrm{at}}u_0(x-t) + \int\limits_0^t e^{-as} f(x-s,t-s)ds \text{ барои } x > t \\ e^{-ax}\varphi(t-x) + \int\limits_0^x e^{-as} f(x-s,t-s)ds \text{ барои } x < t \end{cases} \quad (2.2.4)$$

2.2.2 Муодилаи дифференсиалии хаттӣ бо ҳосилаҳои хусусии тартиби ду

Муодилаи зеринро дида мебароем

$$\frac{\partial^2 u}{\partial x^2} + \frac{\partial^2 u}{\partial t^2} + 2\frac{\partial^2 u}{\partial x \partial t} + a\frac{\partial u}{\partial x} + a\frac{\partial u}{\partial t} + bu = f(x,t) \quad (2.2.5)$$

Гузориши масъала:

Шартҳои ибтидоӣ $\begin{cases} u(x,0) = u_0(x) \\ u_t'(x,0) = u_1(x) \end{cases}$ $(2.2.6_1)$

буда ва шартҳои канорӣ $\begin{cases} u(0,t) = \varphi_1(t) \\ u_x'(0,t) = \varphi_2(t) \end{cases}$ $(2.2.6_2)$

мебошад.

Бояд қайд намуд, ки муодилаи (2.2.5)-ро бо шартҳои додашудаи (2.2.6) ҳангоми $a = 0; b = 1; f(x,t) = \sqrt{x+t}$ ва инчунин

$$u(x,0) = u(0,t) = u_x'(0,t) = u_t'(x,0) = 0$$

будан олими амрико Р. С. Даҳия ва олими эронӣ Ҷаъфар Собирӣ бо истифода аз татбиқи табдилоти интегралии Лапласи дутағирёбанда ҳал намудаанд $[108, 109, 110]$. Олими амрикоӣ Р. С. Даҳия дар мақолааш бо номи “Ҳисобкунии табдилоти $n-$ ченакаи Лаплас” чунин менависад: “Дар ин мақола мо теоремаро дар бораи табдилоти n-ченакаи Лаплас таҳия мекунем. Ҷуфтҳои табдилоти Лапласро дар ченаки n ҳисоб кардан масъалаи мураккаб мебошад. Инҷо ғояҳои навро пешниҳод кардан зарур аст. Табдилоти бисёрченакаи Лаплас дар ҳалли масъалаҳои канорӣ барои муодилахои дифференциалии бисёрченака бо ҳосилаҳои хусусӣ васеъ истифода бурда мешавад.” ($[111]$, саҳ. $186 - 188$).

Ҳоло мо дар ҳолати умуми барои $a,\ b -$ дилхоҳ ададҳи ҳақиқи будан ва дилхоҳ функсияҳо $f(x,t),\ u_0(x),\ u_1(x), \varphi_1(t), \varphi_2(t)$ ки ҳар яке аз инҳо шартҳои мувофиқатиро барои муодилаи (2.2.5) қаноат мекунанд ва инчунин шартҳои табдилоти Лапласро низ қаноат менамоянд $[41, 54]$ дида мебароем. Ҳамин тавр бо истифода аз татбиқи табдилоти Лаплас-Карсон муодилаи (2.2.5)-ро ҳал мекунем. Ҳаминро талаб кардан зарур аст, ки ҳар яке аз ин функсияҳо бефосила ва дифференсиронидашаванда нисбат ба ҳарду тағирёбанда бошанд ва инчунин қаноаткунандаи шартҳои табдилоти Лаплас низ бошанд [22, 108]. Пеш аз ҳалли масъала тасвири ҳосилаи функсияҳо ва функсияҳоро меорем [20, 53].

$$u(x,0)=u_0(x)\to U_0(p);\ u(0,t)=\varphi_1(t)\to \Phi_1(q);$$

$$u\,{}'_x(0,t)=\varphi_2(t)\to \Phi_2(q);\ u'_t(x,0)=u_1(x)\to U_1(p);\ u(x,t)\rightrightarrows U(p,q);$$

$$f(x,t)\rightrightarrows F(p,q)$$

$$\frac{\partial^2 u}{\partial x^2}\rightrightarrows p^2[U(p,q)-\Phi_1(q)]-p\Phi_2(q);\ \frac{\partial^2 u}{\partial t^2}\rightrightarrows q^2[U(p,q)-U_0(p)]-qU_1(p);$$

$$\frac{\partial^2 u}{\partial x\partial t}\rightrightarrows pq[U(p,q)-\Phi_1(q)-U_0(p)+u(0,0)];\ \frac{\partial u}{\partial x}\rightrightarrows p[U(p,q)-\Phi_1(q)];$$

$$\frac{\partial u}{\partial t}\rightrightarrows q[U(p,q)-U_0(p)]$$

акнун ҳар яке аз ин тасвирҳоро ба муодилаи (2.3.5) гузошта ҳосил мекунем

$$p^2[U(p,q)-\Phi_1(q)]-p\Phi_2(q)+q^2[U(p,q)-U_0(p)]-qU_1(p)+$$

$$+2pq[U(p,q)-\Phi_1(q)-U_0(p)+u(0,0)]+ap[U(p,q)-\Phi_1(q)]+$$

$$+aq[U(p,q)-U_0(p)]+bU(p,q)=F(p,q);$$

$$p^2U(p,q)-p^2\Phi_1(q)-p\Phi_2(q)+q^2U(p,q)-q^2U_0(p)-qU_1(p)+$$

$$+2pqU(p,q)-2pq\Phi_1(q)-2pqU_0(p)+2pqu(0,0)+apU(p,q)-ap\Phi_1(q)+$$

$$+aqU(p,q)-aqU_0(p)+bU(p,q)=F(p,q);$$

$$(p^2+q^2+2pq+ap+aq+b)U(p,q)=F(p,q)+p^2\Phi_1(q)+p\Phi_2(q)+$$

$$+q^2U_0(p)+qU_1(p)+2pq\Phi_1(q)+2pqU_0(p)-2pqu(0,0)+ap\Phi_1(q)+$$

$$+aqU_0(p)$$

Ҳамин тавр ҳалли муодиларо дар фазои зудӣ менависем

$$U(p,q)=\frac{F(p,q)+p^2\Phi_1(q)+p\Phi_2(q)+q^2U_0(p)+qU_1(p)+2pq\Phi_1(q)}{p^2+q^2+2pq+ap+aq+b}+$$

$$+\frac{2pqU_0(p)-2pqu(0,0)+ap\Phi_1(q)+aqU_0(p)}{p^2+q^2+2pq+ap+aq+b} \qquad (2.2.7)$$

Махраҷи баробарии (2.3.7)-ро ба зарбшавандаҳо ҷудо намуда сипас амалро идома медиҳем

$$p^2+q^2+2pq+ap+aq+b=(p+q)^2+a(p+q)+b=$$

$$=(p+q)^2+2\cdot(p+q)\cdot\frac{a}{2}+\left(\frac{a}{2}\right)^2-\left(\frac{a}{2}\right)^2+b=$$

$$\left(p+q+\frac{a}{2}\right)^2-\left(\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)^2=$$

$$=\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)$$

Ҳалли муодиларо дар шакли муфассал менависем

$$U(p,q)=\left\{\frac{F(p,q)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}\right\}+$$

$$+\left\{\frac{[p^2+2pq+ap]\Phi_1(q)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}\right\}+$$

$$+\left\{\frac{p\Phi_2(q)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}\right\}+$$

$$+\left\{\frac{[q^2+2pq+aq]U_0(p)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}\right\}+$$

$$+\left\{\frac{qU_1(p)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}\right\}+$$

$$+\left\{\frac{-2pqu(0{,}0)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}\right\} \qquad (2.2.8)$$

Аз баски табдилоти Лаплас-Карсона тасвири функсияи ҳақиқии дар фазои вақт мавҷудбударо дар фазои зудӣ нишон медиҳад бинобар ин баробарии (2.2.8) ҳалли умумии муодилаи (2.2.5) дар фазои зудӣ буда функсияи тағирёбандааш комплексӣ ба шумор меравад [85, 86, 50, 120]. Чи тавре мебинем баробарии (2.2.8) аз шаш ҷамъшавандаи қавсҳо иборат аст. Аз баски барои мо ҳалли умумии муодилаи (2.2.5) дар фазои вақт, ки дар ин фазо функсияи тағирёбандааш ҳақиқӣ амал мекунад лозим аст, бинобар ин бо истифода аз табдилоти баъакси Лаплас-Карсон барои ҳар як функсияи дар қавсҳо мавҷудбуда функсияи ҳақиқӣ ҷустуҷӯ мекунем.

$$1.\left\{\frac{F(p,q)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}\right\}\leftleftarrows$$

$$\leftleftarrows\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\int_0^{min(x,t)}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)s}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)s}\right)f(x-s,t-s)ds$$

сараввал ифодаро содда мекунем

$$\frac{F(p,q)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}=$$

$$=\frac{F(p,q)}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\cdot\frac{p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}-\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}{(p+q)^2+a(p+q)+b}=$$

$$=\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(\frac{F(p,q)}{p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}-\frac{F(p,q)}{p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\right)$$

чи тавре маълум аст (ба ҷадвали 1.2.2. нигаред)

$$\frac{F(p,q)}{p+q+a_0}\leftleftarrows\int_0^{min(x,t)} e^{-a_0 s}f(x-s,t-s)ds \qquad (2.2.9)$$

мебошад. Бо истифода аз татбиқи формулаи мазкур барои функсияи дар қавси якум мавҷудбуда функсияи ҳақиқӣ менависем

$$\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(\frac{F(p,q)}{p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}-\frac{F(p,q)}{p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\right)\leftleftarrows$$

$$\leftleftarrows\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\int_0^{min(x,t)} e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)s}f(x-s,t-s)ds-$$

$$-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\int_0^{\min(x,t)} e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)s}f(x-s,t-s)ds=$$

$$=\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\int_0^{min(x,t)}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)s}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)s}\right)f(x-s,t-s)ds$$

$$2.\left\{\frac{[p^2+2pq+ap]\Phi_1(q)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}\right\}$$

ифодаро содда намуда ҳосил мекунем

$$\frac{[p^2+2pq+ap]\Phi_1(q)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}=$$

$$=\frac{p\Phi_1(q)}{p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\cdot\frac{pq\Phi_1(q)}{p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}+$$

$$+\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\cdot\frac{p\Phi_1(q)}{p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}-$$

$$-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\cdot\frac{pq\Phi_1(q)}{p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}-$$

$$-\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\cdot\frac{p\Phi_1(q)}{p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}$$

Чи тавре аз **ҷадвали 1.2.1.** барои мо маълум аст тасвири функсияҳои $e^{-a_1x}{\varphi_1}'_t(t-x)+\varphi_1(0)e^{-a_1x}\delta(t-x)$ ва $e^{-a_2x}\varphi_1(t-x)$ чунин мебошанд:

$$\left(e^{-a_1x}{\varphi_1}'_t(t-x)+\varphi_1(0)e^{-a_1x}\delta(t-x)\right)\rightrightarrows\frac{pq\Phi_1(q)}{p+q+a_1}\qquad(2.2.10)$$

$$e^{-a_2x}\varphi_1(t-x)\rightrightarrows\frac{p\Phi_1(q)}{p+q+a_2}\qquad(2.2.11)$$

Бо истифода аз формулаҳои (2.2.10) ва (2.2.11) функсияи ҳақиқии тасвири дар қавси дуюм мавҷудбударо меёбем

$$\left(\frac{[p^2+2pq+ap]\Phi_1(q)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}\right)\leftleftarrows$$

$$\leftleftarrows e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\varphi_1(t-x)+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}{\varphi_1}'_t(t-x)+$$

$$+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\varphi_1(0)e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\delta(t-x)+$$

$$+\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\cdot e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\varphi_1(t-x)-$$

$$-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}{\varphi_1}'_t(t-x)-$$

$$-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\varphi_1(0)e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\delta(t-x)-$$

$$-\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\varphi_1(t-x)$$

3. $\left\{\frac{p\Phi_2(q)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}\right\}\leftleftarrows$

$$\leftleftarrows \frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\right)\varphi_2(t-x)$$

ифодаро содда намуда ҳосил мекунем

$$\frac{p\Phi_2(q)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}=$$

$$=\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(\frac{p\Phi_2(q)}{p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}-\frac{p\Phi_2(q)}{p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\right)$$

Ҳамин тавр бо истифода аз формулаи (2.2.11) барои функсияи сеюм хуллоса мебарорем

$$\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(\frac{p\Phi_2(q)}{p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}-\frac{p\Phi_2(q)}{p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\right)\leftleftarrows$$

$$\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\varphi_2(t-x)-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\varphi_2(t-x)\right)=$$

$$=\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\right)\varphi_2(t-x)$$

$$4.\left\{\frac{[q^2+2pq+aq]U_0(p)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}\right\}$$

ифодаро содда намуда ҳосил мекунем

$$\frac{[q^2+2pq+aq]U_0(p)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}=$$

$$=\frac{qU_0(p)}{p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\cdot\frac{qpU_0(p)}{p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}+$$

$$+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(\frac{q\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)U_0(p)}{p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}-\frac{qpU_0(p)}{p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\right)-$$

$$-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\cdot\frac{q\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)U_0(p)}{p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}$$

Чи тавре аз **ҷадвали 1.2.1.** ва **ҷадвали 1.2.2.** мо мебинем тасвири функсияҳои $e^{-a_3t}u'_{0_x}(x-t)+u_0(0)e^{-a_3t}\delta(x-t)$ ва $e^{-a_4t}u_0(x-t)$ чунин мебошанд:

$$\left(e^{-a_3t}u'_{0_x}(x-t)+u_0(0)e^{-a_3t}\delta(x-t)\right)\rightrightarrows\frac{pqU_0(p)}{p+q+a_3} \qquad (2.2.12)$$

$$e^{-a_4t}u_0(x-t)\rightrightarrows\frac{qU_0(p)}{p+q+a_4} \qquad (2.2.13)$$

Бо истифода аз формулаҳои (2.2.12) ва (2.2.13) барои тасвири дар қавси чорум мавҷудбуда функсияи ҳақиқи меёбем.

$$\left(\frac{[q^2+2pq+aq]U_0(p)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}\right)\leftrightarrows$$

$$\leftleftarrows e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}u_0(x-t)+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}{u_0}'_x(x-t)+$$

$$+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}u_0(0)e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}\delta(x-t)+$$

$$+\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}u_0(x-t)-$$

$$-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}{u_0}'_x(x-t)-$$

$$-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}u_0(0)e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}\delta(x-t)-$$

$$-\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}u_0(x-t)$$

$$5.\left\{\frac{qU_1(p)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}\right\}\leftleftarrows$$

$$\leftleftarrows\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}\right)u_1(x-t)$$

ифодаро содда намуда ҳосил мекунем

$$\frac{qU_1(p)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}=$$

$$=\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(\frac{qU_1(p)}{p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}-\frac{qU_1(p)}{p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\right)=$$

$$=\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\cdot\frac{qU_1(p)}{p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\cdot\frac{qU_1(p)}{p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}$$

Чи тавре аз формулаи (2.2.13) барои мо маълум аст $\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\cdot$ $e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}u_1(x-t)-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\cdot e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}u_1(x-t)=$

$$=\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}\right)u_1(x-t)$$

Яъне

$$\left(\frac{qU_1(p)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}\right)\leftleftarrows$$

$$\leftleftarrows\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}\right)u_1(x-t)$$

мебошад.

$$6.\left\{\frac{-2pqu(0,0)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}\right\}\leftleftarrows 0$$

сараввал ифодаро содда мекунем

$$\frac{-2pqu(0,0)}{\left(p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\left(p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)}=$$

$$=\frac{1}{\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\cdot\frac{pqu(0,0)}{p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}-\frac{1}{\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\cdot\frac{pqu(0,0)}{p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}$$

формулаҳои (2.2.11) ва (2.2.13) -ро истифода карда нисбати ин функсияҳо хуллоса мебарорем ва чи тавре ба мо маълум аст функсияи Дирак чунин аст $[16, 33, 54, 56, 57]$:

$$\delta(t)=\begin{cases}\infty & \text{ҳангоми } t=0\\ 0 & \text{ҳангоми } t\neq 0\end{cases}$$

тасвири функсияи Дирак $\delta(t)\rightarrow q$ мебошад [1, 21, 78].

$$\frac{1}{\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\cdot\left(\frac{pqu(0,0)}{p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}-\frac{pqu(0,0)}{p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\right)\leftleftarrows$$

$$\leftleftarrows\frac{u(0,0)}{\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\delta(t-x)-\frac{u(0,0)}{\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\delta(t-x)=$$

$$=\frac{u(0,0)}{\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}-e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\right)\delta(t-x)$$

ё

$$\frac{1}{\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(\frac{pqu(0,0)}{p+q+\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}-\frac{pqu(0,0)}{p+q+\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\right)\leftleftarrows$$

$$\leftleftarrows\frac{u(0,0)}{\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}\delta(x-t)-\frac{u(0,0)}{\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}\delta(x-t)=$$

$$\frac{u(0,0)}{\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}-e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}\right)\delta(x-t)$$

$$\delta(x-t)=\delta(t-x)=\begin{cases}\infty & \text{при } x=t\\ 0 & \text{при } x\neq t\end{cases}\qquad(2.2.14)$$

Ҳалли умумии муодилаи (2.2.5) бо шартҳои додашудаи (2.2.6) чунин аст [4 – М]:

$$u(x,t)=\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}{\varphi_1}'_t(t-x)+$$

$$+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\int_0^{\min(x,t)}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)s}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)s}\right)f(x-s,t-s)ds+$$

$$+e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\varphi_1(t-x)+$$

$$+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\varphi_1(0)e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\delta(t-x)+$$

$$+\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}*e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)x}\varphi_{1}(t-x)-$$

$$-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)x}\varphi_{1}{}'_{t}(t-x)-$$

$$-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}\varphi_{1}(0)e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)x}\delta(t-x)-$$

$$-\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)x}\varphi_{1}(t-x)+$$

$$+(a^{2}-4b)^{-\frac{1}{2}}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)x}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)x}\right)\varphi_{2}(t-x)+$$

$$+e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)t}u_{0}(x-t)+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)t}u_{0}{}'_{x}(x-t)+$$

$$+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}u_{0}(0)e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)t}\delta(x-t)+$$

$$\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)t}u_{0}(x-t)-$$

$$-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}{u_0}'_x(x-t)-$$

$$-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}u_0(0)e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}\delta(x-t)-$$

$$-\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}u_0(x-t)+$$

$$+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}\right)u_1(x-t)$$

Кадами 1: Ҳалли умумии муодиларо ҳангоми $x > t$ будан менависем

$$u(x,t)=e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}u_0(x-t)+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}{u_0}'_x(x-t)+$$

$$+\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}u_0(x-t)-$$

$$-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}{u_0}'_x(x-t)-$$

$$-\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}u_0(x-t)+$$

$$+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)t}\right)u_1(x-t)+$$

$$+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\int_0^t\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)s}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)s}\right)f(x-s,t-s)ds \quad (2.2.15)$$

Кадами 2: Ҳалли умумии муодиларо ҳангоми $x < t$ будан менависем

$$u(x,t)=e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\varphi_1(t-x)+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\varphi_1{}'_t(t-x)+$$

$$+\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\varphi_1(t-x)-$$

$$-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\varphi_1{}'_t(t-x)-$$

$$-\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\varphi_1(t-x)+$$

$$+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)x}\right)\varphi_2(t-x)+$$

$$+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\int_0^x\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)s}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)s}\right)f(x-s,t-s)ds \quad (2.2.16)$$

Баробариҳои (2.2.15) ва (2.2.16) ҳалли умумии муодилаи (2.2.5) бо шартҳои додашудаи (2.2.6) мебошанд, ки дар ин баробариҳо $\left(\left(\frac{a}{2}\right)^2 \neq b\right)$ аст $[4-\text{M}]$.

Бо истифода аз формулаи (2.2.15) шарти ибтидоии масъаларо ҳосил намудан мумкин аст, ки он чунин аст:

$$u(x,0)=e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\cdot 0}u_0(x-0)+\frac{e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\cdot 0}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{u_0}'_x(x-0)+$$

$$+\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\cdot 0}u_0(x-0)-$$

$$-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\cdot 0}{u_0}'_x(x-0)-$$

$$-\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\cdot 0}u_0(x-0)+$$

$$+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\cdot 0}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\cdot 0}\right)u_1(x-0)+$$

$$+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\int_0^0\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)s}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)s}\right)f(x-s,t-s)ds=$$

$$=u_0(x)+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{u_0}'_x(x)+\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}u_0(x)-$$

$$-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{u_0}'_x(x)-\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}u_0(x)=u_0(x)$$

Бо истифода аз формулаи (2.2.16) шарти канории масъаларо низ ҳосил намудан мумкин аст, ки онро менависем

$$u(0,t)=e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\cdot 0}\varphi_1(t-0)+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\cdot 0}{\varphi_1}'_t(t-0)+$$

$$+\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\cdot 0}\varphi_1(t-0)-$$

$$-\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\cdot 0}{\varphi_1}'_t(t-0)-$$

$$-\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\cdot 0}\varphi_1(t-0)+$$

$$+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\cdot 0}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)\cdot 0}\right)\varphi_2(t-0)+$$

$$+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}}\int_0^0\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)s}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2-b}\right)s}\right)f(0-s,t-s)ds=$$

$$= \varphi_1(t) + \frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}} \varphi_1{}'_t(t) + \frac{\frac{a}{2} + \sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}} \varphi_1(t) -$$

$$- \frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}} \varphi_1{}'_t(t) - \frac{\frac{a}{2} + \sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}} \varphi_1(t) = \varphi_1(t)$$

Мисол: Муодиларо ҳал кунед

$$u_{xx} + u_{tt} + 2u_{xt} + u = \sqrt{x+t} \quad (t > x)$$

Шартҳои ибтидоӣ ва канорӣ чунин мебошанд:

$$u(x,0) = u(0,t) = u'(x,0) = u'(0,t) = u(0,0) = 0$$

Ҳал: Маълум аст, ки муодилаи додашуда ҳолати хусусии муодилаи (2.2.5) буда дар ин ҷо a=0, b=1, *f(x,t)=* $\sqrt{x+t}$ ва инчунин шартҳои ибтидоӣ ва канорӣ баробари нол мебошанд. Аз баски ҳалли муодилаи додашударо мо ҳангоми $(t > x)$ ҷустуҷу карда истодаем бинобар ин баробарии (2.2.16)-ро истифода намуда ҳалли муодилаи додашударо меёбем

$$u(x,t) = \frac{1}{2\sqrt{-1}} \int_0^x \left(e^{-(-\sqrt{-1})s} - e^{-(+\sqrt{-1})s}\right) \sqrt{x-s+t-s}ds =$$

$$= \int_0^x \frac{e^{is} - e^{-is}}{2i} \sqrt{x+t-2s}ds$$

Бо истифода аз формулаи Эйлер баробариро табдил медиҳем

$$u(x,t) = \int_0^x \sin s \sqrt{x+t-2s}ds$$

Ҳамин тавр ҳалли муодила маълум гардид [38].

2.3. Муодилаи телеграф

Доир ба ҳалли муодилаи дифференсиалии телеграф олимони зиёд саҳми худро гузоштаанд, аз ҷумла В. А. Илин, Е. И. Моисеев, Е. А. Козлова, М. Абдулкаримов ва ғайраҳо мебошанд. Ҳаминро бояд қайд намуд, ки муодилаи дифференсиалии телеграф бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда то ҳол ҳалли умуми ва ошкори худро пайдо накардааст. Чи тавре мо медонем [2, 49, 95] муодилаи дифференсиалии телеграф намуди зеринро дорад:

$$\frac{\partial^2 u}{\partial t^2}+\alpha\frac{\partial u}{\partial t}+\beta u=\frac{\partial^2 u}{\partial x^2}+f(t) \qquad (2.3.1)$$

Гузориши масъала: Шартҳои ибтидоӣ $u(x,0)=u_0(x), u_t'(x,0)=u_1(x)$ буда ва шартҳои канорӣ бошад $u(0,t)=\varphi_1(t), u_x'(0,t)=\varphi_2(t)$ мебошад.

Ҳангоми $\alpha=0,\beta=0$ будан муодилаи мазкур аз тарафи олимон дида баромада шудааст [20, 34, 35] ва дар ҳолати $\alpha=0,\beta=-q(x,t)$ будан низ ([2]) муодилаи мазкурро олимон ҳал намудаанд. Бояд қайд кард, ки дар ҳолати $\alpha=0,\beta$ –адади ҳақиқии мусбат будан низ ҳалли муодилаи мазкур аз тарафи олимон дида баромада шудааст $[34,35,36,44,81,108,109]$. Ҳоло мо ҳалли умумии муодилаи $(2.3.1)$-ро бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда бо истифода аз татбиқи ҳисоби оператсионӣ ҳангоми $\alpha-$ адади ҳақиқии ихтиёри ва $\beta=\frac{\alpha^2}{4}$ будан меёбем. Табдилоти Лаплас-Карсонро татбиқ намуда муодилаи $(2.3.1)$ –ро ҳал мекунем. Ҳаминро талаб кардан зарур аст, ки ҳар яке аз ин функсияҳо бефосила ва дифференсиронидашаванда нисбат ба ҳарду тағирёбанда бошанд ва инчунин шартҳои табдилоти Лаплас-ро қаноат кунанд [17, 39, 40, 63]. Пеш аз ҳалли масъала тасвири ҳосилаи функсия ва функсияҳоро меорем [20]

$$u(x,0)=u_0(x)\rightarrow U_0(p), u(0,t)=\varphi_1(t)\rightarrow \Phi_1(q),$$

$$u\,{}_x'(0,t)=\varphi_2(t)\to\Phi_2(q), u_t'(x,0)=u_1(x)\to U_1(p),\ u(x,t)\rightrightarrows$$
$$U(p,q), f(t)\to F(q)$$

$$\frac{\partial^2 u}{\partial x^2}\rightrightarrows p^2[U(p,q)-\Phi_1(q)]-p\Phi_2(q);\ \frac{\partial^2 u}{\partial t^2}\rightrightarrows q^2[U(p,q)-U_0(p)]-qU_1(p);$$

$$\frac{\partial u}{\partial t}\rightrightarrows q[U(p,q)-U_0(p)]$$

акнун ҳар яке аз ин тасвирҳоро ба муодилаи (2.3.1) гузошта ҳосил мекунем

$$q^2[U(p,q)-U_0(p)]-qU_1(p)+\alpha q[U(p,q)-U_0(p)]+\frac{1}{4}\alpha^2U(p,q)=$$

$$=p^2[U(p,q)-\Phi_1(q)]-p\Phi_2(q)+F(q);$$

$$q^2U(p,q)-q^2U_0(p)-qU_1(p)+\alpha qU(p,q)-\alpha qU_0(p)+\frac{1}{4}\alpha^2U(p,q)=$$

$$=p^2U(p,q)-p^2\Phi_1(q)-p\Phi_2(q)+F(q);$$

$$\left(q^2+\alpha q+\frac{1}{4}\alpha^2-p^2\right)U(p,q)=$$

$$=(q^2+\alpha q)U_0(p)+qU_1(p)-p^2\Phi_1(q)-p\Phi_2(q)+F(q);$$

$$U(p,q)=\frac{(q^2+\alpha q)U_0(p)+qU_1(p)-p^2\Phi_1(q)-p\Phi_2(q)+F(q)}{\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)^2-p^2}\quad(2.3.2)$$

Маълум аст, ки дар ҳолати $p_1=q+\frac{\alpha}{2}$, $p_2=-\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)$ будан махраҷ нол мешавад ва аз баски решаи дуюм ба соҳаи наздикшавии интеграли Лаплас таалluқ надорад бинобар ин онро решаи бегона шуморида дар ҳолати $p=q+\frac{\alpha}{2}$ будан сурат кай нол мешавад муайян мекунем

$$(q^2+\alpha q)U_0\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)+qU_1\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)-\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)^2\Phi_1(q)-$$

$$-\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)\Phi_2(q)+F(q)=0;$$

$$\frac{(q^2+\alpha q)}{\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)}U_0\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)+\frac{q}{\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)}U_1\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)-\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)\Phi_1(q)-\Phi_2(q)+$$

$$+\frac{1}{\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)}F(q)=0;$$

$$\Phi_2(q)=\frac{(q^2+\alpha q)}{q+\frac{\alpha}{2}}U_0\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)+\frac{q}{q+\frac{\alpha}{2}}U_1\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)-\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)\Phi_1(q)+$$

$$+\frac{F(q)}{q+\frac{\alpha}{2}} \qquad (2.3.3)$$

Баробарии (2. 3. 3)-ро ба баробарии (2. 3. 2) гузошта ҳосил мекунем

$$U(p,q)=\frac{(q^2+\alpha q)U_0(p)+qU_1(p)-p^2\Phi_1(q)+F(q)}{\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)^2-p^2}+$$

$$+\frac{-p\left(\frac{(q^2+\alpha q)}{q+\frac{\alpha}{2}}U_0\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)+\frac{q}{q+\frac{\alpha}{2}}U_1\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)-\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)\Phi_1(q)+\frac{F(q)}{q+\frac{\alpha}{2}}\right)}{\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)^2-p^2} \quad (2.3.4)$$

Акнун баробарии (2. 3. 4) –ро содда мекунем

$$U(p;q)=\frac{\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)(q^2+\alpha q)U_0(p)}{\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)\left(\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)^2-p^2\right)}+$$

$$+\frac{q\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)U_1(p)-p^2\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)\Phi_1(q)+\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)F(q)}{\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)\left(\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)^2-p^2\right)}+$$

$$+\frac{-p\left((q^2+\alpha q)U_0\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)+qU_1\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)-\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)^2\Phi_1(q)+F(q)\right)}{\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)\left(\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)^2-p^2\right)}$$

Ҳамин тавр ҳалли муодиларо метавон чунин навишт:

$$U(p,q)=\left\{\frac{q^2+\alpha q}{q+\frac{\alpha}{2}}\cdot\frac{\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)U_0(p)-pU_0\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)}{\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)^2-p^2}\right\}+$$

$$+\left\{\frac{q}{q+\frac{\alpha}{2}}\cdot\frac{\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)U_1(p)-pU_1\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)}{\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)^2-p^2}\right\}+$$

$$+\left\{\frac{p\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)\Phi_1(q)\left(\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)-p\right)}{\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)\left(\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)^2-p^2\right)}\right\}+$$

$$+\left\{\frac{\left(\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)-p\right)F(q)}{\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)\left(\left(q+\frac{\alpha}{2}\right)^2-p^2\right)}\right\} \qquad (2.3.5)$$

